САОДАТ АЗИЗОВА: ТО ПЕШОНӢ БА ДЕВОР НАЗАНАД... с. 10

ПРЕЗИДЕНТИ ТОТОРИСТОН ДАР РОҒУН с. 3

“ПИРЯХ”-И ТОЛИБХОН ШАҲИДӢ с. 9

# ТОҶИКИСТОН

№25 (1638), 18.06.25 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992



# ОСИЁИ МАРКАЗӢ - ЧИН

## Ҳамоиши дуюм дар Остона чӣ самар медиҳад?







## ДАР ИН ШУМОРА:

**БОХТАР**
Муҷассамаи Бобоҷон Ғафуров мекӯчад с.2

**АЛИИ ХОМАНАЙ:**
Эрон ҳаргиз таслим намешавад! с.4

**МАВСИМИ ОББОЗӢ**
Ғарқшавии 49 нафар дар 5 моҳ с.5

**ИШКОШИМ**
Муҳоҷирон чӣ тавр мактаб сохтанд? с.6

**20% БОҶИ ГУМРУКӢ**
Телефону смартфон дар Тоҷикистон қимат мешаванд? с.7

**ФАРХОР**
Куштори духтар аз ҷониби падар с.11

**ИҚТИСОД**
Газу бензин арзон мешавад с.7

**ВАРЗИШ**
Ду медал аз Чемпионати ҷаҳон с.15

## ҚАТЪИ ПАРВОЗҲО БАЙНИ ДУШАНБЕ ВА ТЕҲРОН

**Намояндагии ширкатҳои ҳавопаймоии Somon Air ва Varesh Airline хабар доданд, ки парвозҳо аз Душанбе ба Теҳрон муваққатан қатъ гардидаанд. Сабаби ин тасмим баста шудани фазои ҳавоии Эрон мебошад.**

Ширкатҳои ҳавопаймоӣ таъкид карданд, ки қатъи парвозҳо барои таъмини амнияти мусофирон ва бо сабаби муваққатан баста шудани фазои ҳавоӣ сурат мегирад. Барои шаҳрвандони Эрон, ки бинобар қатъи парвозҳо наметавонанд ба ватан баргарданд, раводиди муваққатии Туркманистон барои ҳаракат тавассути Ӯзбекистон ё Туркманистон ба Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад. Ҳамзамон, барои шаҳрвандони Тоҷикистон, ки дар Эрон қарор доранд, бо дастгирии Сафорати Тоҷикистон дар Теҳрон автобусҳо ташкил шудааст, ки онҳоро ба марз бо Туркманистон мерасонанд. Дар марз, бо ҳамкории сафорат дар Ашқобод, мусофирон ба автобусҳои дигар барои бозгашт ба Тоҷикистон савор мешаванд.

## МУҶАССАМАИ БОБОҶОН ҒАФУРОВРО ДАР БОХТАР МЕКӮЧОНАНД

**Муҷассамаи Қаҳрамони Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров ба дигар ҷой кӯчонида мешавад. Масъулини шаҳри Бохтар мегӯянд, ки ҷойи феълии муҷассама мувофиқ нест.**

Икром Юсуфов, мудири шуъбаи меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Бохтар дар як суҳбати кутох ба Pressa.tj гуфт, ки корҳои сохтмонӣ шуруъ шудааст ва то як моҳ ҳайкал кӯчонида мешавад.

"Маконе, ки ҳоло муҷассамаи Бобоҷон Ғафуров ҷойгир аст, мувофиқ нест. Аз ҷониби дигар, дар канори он сохтмони иншооти баландошёна шуруъ мешавад",- гуфт номбурда.

Икром Юсуфов мегӯяд, ки феълан дар назди Осорхонаи вилоятии ба номи Авасто ва Қасри фарҳанги иттилоотии шаҳри Бохтар муҷассамаи Бобоҷон Ғафуров ҷой карда хоҳад шуд.

## ЧОР МИЛЛИОН ҶАРИМА БАРОИ "ДУЗДӢ"-И БАРҚ ДАР ЯК МОҲ

**Танҳо дар моҳи майи соли равон мақомот даҳҳо корхона ва сокинони кишварро барои "дӯздӣ" ва ё истифодаи ғайриқонунии неруи барқ дар умум, 4 миллион сомонӣ ҷарима бастаанд.**

Дар ин бора Агентии назорат дар соҳаи энергетика хабар дода, гуфтааст, ки ин маблағ дар 272 ҳолати "дуздӣ"-и барқ ошкор шудааст.

Агентӣ бори дигар аз аҳолӣ хостааст, ки қонунгузорӣ ва шартномаҳои марбут ба истифодаи энергияро риоя кунанд.

Ёдрас мешавем, ки чанде пеш ҷазо барои истифодаи ғайриқонунии барқ ва саркашӣ аз пардохти пули он сангин шуд.

Дар асоси Кодекси ҷиноятӣ касоне, ки қоидаҳои истифодаи неруи баркро вайрон ва аз пардохти пули он саркашӣ мекунанд, аз 27 ҳазор то 90 ҳазор сомонӣ ҷарима ва ё аз 3 то 10 сол зиндонӣ мешаванд.

Ҳамчунин, бар асоси Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ барои истифодаи ноҳурусти барқу гармӣ шаҳрвандон, мансабдорон ва соҳибони коргоҳу корхонаҳо аз 1 ҳазору 500 то 22 ҳазору 500 сомонӣ ҷарима мешаванд.



## НИГАРОНИИ ВАЗИРИ НАҚЛИЁТ

**Азим Иброҳим, вазири нақлиёти Тоҷикистон аз сифати роҳсозӣ дар кишвар нигаронӣ карда, гуфт, ки қисматҳои алоҳидаи роҳҳои сохташуда "хеле зуд аз кор мебароянд".**

Ба иттилои ин вазорат, Азим Иброҳим ин нуктаро зимни ҷаласаи назоратӣ бо иштироки масъулини соҳа таъкид кардааст.

"Мувофиқи стандартҳои мавҷуда, муҳлати кафолати қабати болоии пӯшиши роҳи автомобилгард вобаста ба шиддати ҳаракат дар он аз 2 то 8 солро ташкил медиҳад, мутаассифона, қисматҳои алоҳидаи роҳҳои мо хеле зуд аз кор мебароянд",- гуфтааст Азим Иброҳим.

Вазири нақлиёт таъкид кардааст, ки мустаҳкамии пӯшиши роҳ аз сифати кор, технологияҳои татбиқшаванда, иҷрои дурусти амалиёти техникӣ, истифодаи дурусти маблағҳои ҷудошуда вобаста аст.

Азим Иброҳим ба масъулин дастур додааст, ки вазну андозаи воситаҳои нақлиётро назорат кунанд, аз маҳсулоти босифат истифода бурда, омехтаҳои асфалтеро, ки махсус барои истифода дар шароити гармӣ пешбинӣ шудаанд, интихоб намоянд.

## САРИ САБЗ



**Файзалӣ ҲАСАН,**
**Ҳофизи халқии Тоҷикистон**

**- Вақте як нафар дар хуну вуҷуди худ фалакро ҷо надода бошад, наметавонад фалаксарои асил бошад. Шояд баъзеҳо бо баланд кардани садову дар гӯшҳо мондани дастон фикр кунанд, ки овозхони ҳамин жанри мусиқии суннатиянд. Аммо ин гуна нест.**

*- Ииии, ҷаро ин гуна набудааст? Умуман, ҳамин дар гӯш мондани даст ҳангоми фалакхонӣ чӣ хосият дорад? Ё ин ҳам мисли фолбинии фолбинҳо ягон махфияти хосса дорад?*



**Беҳруз ШАРИФӢ,**
**рэпсаро, продюссер ва тоҷир**

**- Шунавандае, ки ҳоло рэпу хип-хоп дорад, фикр мекунам ҳоло ягон жанри дигар надорад. Бояд инро қабул кунем, чун замона пеш рафта истодааст. Ҷаро ҳоло «Шашмақом» ва «Фалак» он авҷи шуҳрати 40-50 соли пешинаи худро надоранд?**

*- Шумо ки продюссеру сароянда ҳастед, бояд ҷавоби ин суоли худро беҳтар донед ку! Агар надонед ва дар ҷустуҷӯи посух саргаранг бошед, метавонед ба суханони устод Файзалӣ Ҳасан таваҷҷуҳ диҳед.*



**Юнуси ИМОМНАЗАР,**
**нависанда, шоир ва мутарҷим**

**- Муҳити адабии тоҷикии Ӯзбекистон пароканда аст, касе ба касе гӯш намедиҳад, ба ҷуз нафарҳои башуморе, ки бо маслиҳат кор мекунанду дар ин росто муваффақ шудаанд. Шоир зиёд аст, аммо шеъри хуб - тухми анқо.**

*- Шумо, ки аз муҳити адабии тоҷикии ин кишвар беҳтар огоҳед, ҳамон нафарҳои башуморро роҳнамоӣ кунед, ҷанд вақт баъд мебинед, ки шумораи нафарони муваффақу шеъри хуб меафзояд.*


ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР, Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара
Усмон РАҲИМЗОДА, муовини сармуҳаррир
Одил НОЗИР, муҳаррир

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА, президенти АМИТ
Шералӣ КАБИР, Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ
Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА, раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.
Носирҷон САЛИМӢ, академик
Рафаэл НЕКТАЛОВ, сармуҳаррири рӯзномаи "The Bukharian Times"
Масъуди МИРШОҲӢ, раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)
Шариф РАҲИМЗОДА, доктори илми иктисодӣ, профессор
Урватулло ТОИРОВ, доктори илми филология, профессор
Тамара МОСКАЛЁВА, нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон
Гулсифат ШАҲИДӢ, нависанда
Иноят ИНОЯТОВ, ҳуқуқшинос
Фирдавс САТТОРОВ, саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони хафтанома

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолиброро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.

# ОСИЁИ МАРКАЗӢ - ЧИН

## Ҳамоиши дуюм дар Остона чӣ самар медиҳад?

**17-уми июни соли ҷорӣ Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Остонаи Қазоқистон дар Ҳамоиши дуюми «Осиёи Марказӣ - Чин» иштирок ва суханронӣ кард. Дар ин ҳамоиш масъалаҳои муҳим ва афзалиятноки рушди ҳамкории сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ байни кишварҳои минтақа ва Чин баррасӣ гардид.**



### ТАҲКИМИ ҲАМКОРӢ

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон таъкид кард, ки таҳкими минбаъдаи муколамаи сиёсӣ дар чаҳорчӯби ҳамоиш метавонад нақши муассир дар расидан ба ҳадафҳои созандаи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дошта бошад. Муколамаи сиёсӣ заминаи устувори ҳамкории ҳамаҷониба ва судманд мебошад. Аз ҷумлаи унсурҳои асосии муносибатҳои хуб байни кишварҳо ҳамкории иқтисодӣ буда, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон гуфт, ки Тоҷикистон ба татбиқи лоиҳаҳои муштараки тиҷоратӣ ва иқтисодӣ, ки барои таҳкими шарикии бисёрҷанбаи тиҷоративу иқтисодӣ равона шудаанд, аҳамияти хосса медиҳад. Энергетика, аз ҷумла рушди энергетикаи «сабз», саноат ва коркарди минералҳои муҳими минтақавӣ, нақлиёт ва васеъ кардани долонҳои транзитӣ, рушди кишоварзӣ ва тавсеаи содирот аз бахшҳои муҳими ҳамкорӣ дониста шуданд.

### АЗ РУШДИ ТЕХНОЛОГИЯИ РАҚАМӢ ТО СУБОТ ДАР МИНТАҚА

Президенти кишвар таваҷҷуҳро ба рушди рақамӣ ва ҷорӣ намудани моделҳои инноватсионӣ, аз ҷумла тиҷорати электронӣ ҳамчун омил барои таконбахшии равобити тиҷоратӣ ва иқтисодӣ ҷалб кард.

Ҳамчунин, Эмомалӣ Раҳмон аз пешниҳоди Тоҷикистон дар СММ барои қабули қатъномаи махсус оид ба нақши зеҳни сунъӣ дар рушди имкониятҳои нав дар соли 2024 ёдовар шуд.

Дар доираи ҳамкории минтақавӣ, осон гардонидани ҳамлу нақл ва афзоиши ҳаҷми савдои мутақобила барои таҳкими иқтисоди минтақавӣ муҳим арзёбӣ шуд. Ин раванд бо рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ ҳамроҳ аст.

Ҳамчунин, дар доираи ҳамоиш Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон масъалаҳои ҳифзи муҳити зист, аз ҷумла «Раванди Душанбе оид ба ҳифзи пиряхҳо»-ро барои таъмини рушди устувор баррасӣ кард. Ин иқдом ба амнияти экологӣ ва зиндагии одамон дар минтақа алоқаманд аст.

Дар мавзӯи таъмини амнияти озуқаворӣ ва тавсеаи иқтидори содиротии минтақа, ҳамчунин ҳамоҳангсозии меъёрҳои фитосанитарӣ ва байторӣ низ изҳори назар гардид, ки барои рушди кишоварзӣ ва иқтисоди «сабз» аҳамияти муҳим доранд.

Президенти Тоҷикистон таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаҳои фарҳанг, илму маориф, баланд бардоштани нақши ҷавонон, сайёҳӣ ва дигар самтҳои афзалиятнокро зарур арзёбӣ кард. Ин раванд барои мустаҳкам кардани робитаҳои байни халқҳо ва рушди ҷомеа замина фароҳам меорад.

Яке аз ҳадафҳои асосии ҳамкории бисёрҷониба дар минтақа таҳкими сулҳу суботи пойдор ва зиндагии осоишта мебошад. Президенти кишвар таъкид кард, ки ҳамкории устувор барои ноил шудан ба шароити муътадил ва пешгӯишавандаи беруна ба хотири некӯаҳволии наслҳои ҳозира ва оянда муҳим аст.

### МУЛОҚОТ БО ПРЕЗИДЕНТИ ЧИН

Ҳамчунин, дар шаҳри Остона дар доираи ҳамоиши дуюми "Осиёи Марказӣ - Чин" мулоқоти Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин сурат гирифт. Дар вохӯрӣ вазъ ва дурнамои рушди муносибатҳои Тоҷикистону Чин баррасӣ гардид. Зимни мулоқот аз рушди ҳамкории минтақаҳои ду кишвар изҳори қаноатмандӣ карда шуд.

Гуфта шуд, ки дар сохтори гардиши савдои хориҷии Тоҷикистон саҳми Чин ҳудуди зиёда аз 20%-ро ташкил медиҳад. Ҳоло дар Тоҷикистон зиёда аз 700 ширкат бо сармояи чинӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодию иҷтимоӣ фаъолият мекунанд.

Аз рӯи натиҷаи мулоқоти Сарони давлатҳои Тоҷикистон ва Чин санадҳои нави ҳамкорӣ ба имзо расиданд:

- Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ;

- Барномаи ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин барои давраи то соли 2030;

- Ёддошти тафоҳум миёни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба таъсиси механизми муколамаи стратегии сатҳи вазирони корҳои хориҷӣ;

- Ёддошти тафоҳум оид ба таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаи зеҳни сунъӣ миёни Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии рушду ислоҳоти Ҷумҳурии Мардумии Чин;

- Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ миёни Нашрияи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Народная газета" ва Корпоратсияи расонаии Чин;

- Созишнома оид ба истиқрор намудани муносибатҳои бародаршаҳрӣ миёни вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва музофоти Шэнсии Ҷумҳурии Мардумии Чин.

### ҲАМОИШ ЧӢ НАТИҶА ДОД?

Маврид ба зикр аст, ки ҳамоиши дуюми «Осиёи Марказӣ - Чин» бо иштироки сарони тамоми давлатҳои минтақа ва Чин баргузор шуд. Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин низ таваҷҷуҳ ва алоқамандии кишварашро ба рушди ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ таъкид намуд. Чин омодагӣ дошт, ки таҷриба ва технологияҳои худро барои рушди минтақа пешниҳод намояд.

Дар фароварди ҳамоиш ба таври фосилавӣ Маркази ҳамкорӣ дар чаҳорчӯби Осиёи Марказӣ - Чин ифтитоҳ ёфт ва як қатор санадҳои муҳими ҳамкорӣ, аз ҷумла Паймони ҳамсоягии абадӣ, дӯстӣ ва ҳамкорӣ ва Эъломияи Остона ба имзо расид.

Ҳамоиши дуюми «Осиёи Марказӣ - Чин» бо иштироки роҳбарони кишварҳои минтақа қадами муҳим дар рушди ҳамкории минтақавӣ, ба роҳ мондани равобити судманди иқтисодӣ, сиёсӣ ва гуманитарӣ аст. Ин ҳамоиш замина барои ҳамкорӣ дар заминаҳои нави технология, энергетикаи сабз, логистика ва таҳкими сулҳу амният дар минтақа ба ҳисоб меравад.

## ПРЕЗИДЕНТИ ТОТОРИСТОН ДАР РОҒУН

**Президенти Ҷумҳурии Тотористони Федератсияи Русия Рустам Минниханов дар ҷараёни сафари расмии худ ба Тоҷикистон аз Неругоҳи барқи обии Роғун боздид намуда, чунин гуфт: "Роғун ифтихори мардуми тоҷик ва разми рушди минтақа ба ҳисоб меравад".**

Мақсади боздиди президенти Тотористон аз Роғун шиносоӣ бо раванди корҳои сохтмонӣ ва фаъолияти агрегатҳои фаъоли бузургтарин неругоҳ дар Осиёи Марказӣ гуфта мешавад. Рустам Минниханов дар ҷараёни мулоқот бо кормандони неругоҳ таъкид намуд, ки Тотористон омодаи ҳамкориҳо дар бахшҳои энергетика, саноат ва иқтисод бо Тоҷикистон мебошад.

Рустам Минниханов дар фарҷоми боздид дар китоби фахрии Неругоҳи барқи обии Роғун ёддошт - имзо гузошта, иншооти мазкурро намудаи таҷрибаи нодири муҳандисӣ арзёбӣ кард.

---

## ҲАМОИШИ САРМОЯГУЗОРОНИ ТОҶИКУ ҚИРҒИЗ

**Масъалаҳои марбут ба таҳкими ҳамкориҳои дуҷониба дар бахши сармоягузорӣ байни Тоҷикистон ва Қирғизистон дар мулоқоти раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Тоҷикистон Султон Раҳимзода ва Сафири Фавқулода ва Мухтори Қирғизистон дар Тоҷикистон Эрлан Абдилдаев дар шаҳри Душанбе мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.**

Дар ҷараёни вохӯрӣ ҷонибҳо масъалаҳои муҳими рушди ҳамкорӣ ва ҷалби сармоя ба иқтисодиёти ҳар ду кишварро муҳокима намуда, омодагии худро барои баргузории Форуми сармоягузории Тоҷикистону Қирғизистон дарояндаи наздик изҳор доштанд.

Ҳадафи асосии форум рушди муносибатҳои иқтисодӣ, ҷалби сармоягузории мустақим ва баррасии имкониятҳои нави тиҷоратӣ миёни ширкатҳо ва доираҳои соҳибкории ҳар ду кишвар мебошад.

Ҳамчунин, ҷонибҳо масъалаҳои дигареро, ки ба густариши ҳамкории иқтисодӣ ва мутақобила байни ду давлати ҳамсоя рабт доранд, баррасӣ карданд.

## Марги 274 нафар дар садами Boeing

**Шумораи қурбониёни садамаи ҳавопаймои Боинг дар Ҳиндустон ба 274 кас расид. Дар ин бора шабакаи NDTV бо такя ба манобеаш хабар додааст.**



Ҳавопаймои навъи Boeing 787-8 Dreamliner, ки рӯзи 12-уми июн аз Аҳмадобод ба Лондон бояд парвоз мекард, баъди чанд дақиқаи аз замин боло шудан суқут кард.

Дар миёни қурбониён 241 нафарашон мусофир ва ҳайати парвози ҳавопаймо ва 33 каси дигар дар замин будаанд. Ҳавопаймо ба болои бинои коллеҷи тиббӣ афтид. Дар онҷо 10 пизишк ва аъзои оилаашон ҳалок шуданд. Дар ин ҳодиса фақат як мусофири ҳавопаймо зинда мондааст.

BBC

## Манъи ба Тирмиз рафтани занони то 40-сола

**"Толибон" рафтани занони то 40-соларо ба бозори наздисарҳадии Тирмиз манъ эълон кард. Дар ин бора телевизиони Amu.tv бо такя ба сокинону фурӯшандаҳо хабар додааст.**



Маркази байналмилалии савдои Тирмиз дар марзи Ӯзбекистон ва Афғонистон соли 2022 ифтитоҳ ёфт. Марказ дорои мағозаҳову маркази тиббӣ, тарабхонаҳову минтақаҳои истеҳсолӣ аст. Шаҳрвандони Афғонистон метавонанд бидуни раводид аз он дидан кунанд ва 15 рӯз дар он ҷо бимонанд.

Соли 2024 Толибон аз Ӯзбекистон хоста буданд, ки дар Тирмиз мусиқӣ нанавозанд ва ё дар акси хол вуруди шаҳрвандони худро ба бозор манъ мекунанд.

amu

Алии Хоманаӣ:

# ЭРОН ҲАРГИЗ ТАСЛИМ НАМЕШАВАД!



**РАҲБАРИ ОЛИИ ЭРОН ОЯТУЛЛОҲ АЛИИ ХОМАНАӢ РӮЗИ ЧОРШАНБЕ, 18-УМИ ИЮН ДАР РОБИТА БА ДАРГИРӢ МИЁНИ ИСРОИЛУ ЭРОН ГУФТ, КИ МАРДУМИ ЭРОН "ҲЕҶ ГОҲ ТАСЛИМ НАМЕШАВАНД".**

Дар ин паёми телевизионӣ Хоманаӣ гуфт: "Афроди бохирад, ки миллат ва таърихи Эронро мешиносанд, ҳеҷ гоҳ бо забони таҳдид бо ин миллат сухан намегӯянд, зеро миллати Эрон таслимшуданӣ нест".

Ёдовар мешавем, ки даргирӣ миёни Исроилу Эрон субҳи 13-уми июн, бо ҳуҷуми Исроил оғоз гардид. Исроил ҳамлаи худро "Бархостани шер" ва ҳадафи онро зарба задан ба таъсисоти ҳастаии Эрон гуфт.

Дар посух Эрон дар чанд мавҷи ҳамлаҳо бо мушакҳои болистикӣ минтақаҳои гуногуни Исроилро ҳадаф қарор дод. Сипоҳи посдорони Эрон эълом кард, ки ҳамлаи Эрон "Ваъдаи содиқ 3" ном дошта, ҳадафи аслии он посух ба таҷовузи Исроил аст.

Бо гузашти як ҳафта аз даргирӣ Исроил ва Эрон эълон карданд, ки фазои ҳамдигарро комилан зери назорат доранд ва аз сокинони шаҳрҳои бузург хостанд маконҳои худро тарк кунанд, то ҷон ба саломат баранд.

Сипоҳи посдорони инқилоби исломии Эрон (СПИИ) дар баёнияи охири худ гуфт, ки дар ҳамлаи охир ба Исроил барои аввалин бор аз насли нави мушакҳои "Фаттоҳ" истифода кардааст.

СПИИ Эрон гуфтааст, ки онҳо ба осмони Исроил даст ёфтаанд ва сокинони он "комилан бе дифоъ" шудаанд. Ба ҳадаф расидани мушакҳои партофткардаро Эрон далели дастёбӣ бар фазои Исроил номид.

Пештар аз ин, The Wall Street Journal навишт, ки Исроил фазои Эронро комилан назорат дорад. Артиши Ироил ҳам қаблан зикр карда буд, ки ҳавопаймоҳои бомбафканаш дар осмони Теҳрон амалиёт мегузаронанд.

Ҳамчунин, давоми ду рӯзи охир ҳарду ҷониб ба сокинони ҳамдигар хушдор доданд, ки минтақаҳои алоҳидаро тарк кунанд, то аз зарбаҳои мушакӣ дар амон бошанд.

Дар наворҳои интишоршуда дар расонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ дида мешавад, ки мушакҳои Эрон ба чандин бино дар минтақаҳои гуногуни Исроил, аз ҷумла, Телавив ва Ҳертслия бархӯрдаанд.

Сипоҳи посдорони Эрон бо нашри як иттилоия гуфтааст, ки онҳо Маркази иттилооти хориҷӣ (Созмони ҷосусӣ)-и Исроил, МОСАД ва Маркази иттилоотии низомии Артиши ин кишварро ҳадаф қарор додаанд. Сипоҳ гуфтааст, ки "ин марказҳо ҳамакнун дар оташ месӯзанд". Исроил ин хабарро то кунун тасдиқ ё рад накардааст.

BBC ба нақл аз расонаҳои исроилӣ навиштааст, ки полоишгоҳи нафти Ҳайфо пас аз ҳамлаҳои Эрон осеб дида, кори худро қатъ кардааст.

Дар ҳамин ҳол, ҳамлаҳои Исроил давоми ҳафта ба минтақаҳои гуногуни Эрон, аз ҷумла, ба Теҳрон, Табрез, Кошон ва Исфаҳон идома дорад.

16-уми июн Исроил ба идораи Созмони садову симо (телевизион ва радио)-и Эрон ҳуҷум кард. Ба навиштаи расонаҳои Эрон, дар пайи ин ҳамла се корманди садову симо кушта шудаанд. Онҳо Нимо Раҷабпур, сардабири хабар, Маъсума Азимӣ, корманди дабирхона ва як корманди дигари садову симои Эрон будаанд. Баъди чанд соат брномаҳои Садо ва симо дубора баркарор шуд.

Хабаргузории "Форс", наздик ба Сипоҳи посдорони Эрон рӯзи гузашта аз ҳамлаи Исроил ба як беморхонаи Форобии Кирмоншоҳ ҳам хабар дода буд. Ба гуфтаи манбаъ, дар ин ҳамла қисматҳое аз беморхонаи Форобии Кирмоншоҳ зарар дида, баъзе беморон маҷрӯҳ шудаанд.

Идомаи даргирӣ Миёни Эрону Исроил метавонад дар оянда минтақаи Ховари Миёнаро ба чолиши бузург кашад. Ин вазъият ҷомеаи ҷаҳонро нигарон кардааст. Вале вазъ ҷӣ гуна хоҳад шуд, ҳанӯз норӯшан аст.



## ДАРГУЗАШТИ ГЮНТЕР ЮККЕР

**Гюнтер Юккер, муҷассамасози олмонӣ, ки охирин намоишгоҳи осору сафари охирини эҷодиаш ҳам дар моҳи май дар Душанбе барпо шуда буд, дар синни 95-солагӣ дар шаҳри Дюсселдорфи Олмон даргузашт.**

Сомонаи бахши русии "Мавҷи Олмон" навишт, ки ҳунарманди маъруф рӯзи 10-уми июн дар беморхона даргузашт.

Юкерро яке аз наққошони барҷастаи давраи баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон дар Олмон меноманд, чун шеваи эҷодаш ҳам аз дигарон фарқ мекард. Ӯ бо истифода аз меху хоку хокистар ва дигар маҳсулот осори худро меофарид.

Охирин намоишгоҳи осори ӯ дар Душанбе бо иштироки худаш баргузор шуда буд. Ин намоишгоҳ "Арҷгузорӣ ба Ҳофиз" унвон дошта, бахшида ба бузургдошти 700-солагии шоири тоҷику форс Ҳофизи Шерозӣ доир гардид.

Юнкерро як наққоши мавзуҳои сиёсӣ ҳам меноманд, чун баъди фирораш аз Олмони шӯравӣ ба Олмони федеративӣ дар солҳо 1950-ум товонист ошкоро мавқеи худро дар бораи ҳаводиси ҷаҳон тавассути эҷод баён кунад. Дар миёни корҳое, ки баъдан анҷом доду барои ифодаи ҳуввияти эҷодии ӯ мусоидат кард, намоишгоҳаш дар мавзуҳои садамаи Чернобил ва ҳамлаҳои нажодпарастӣ дар солҳои 1992-юм будааст.

# МАВСИМИ ШИНОВАРӢ

## ғарқшавии 49 нафар дар 5 моҳ

**ДАВОМИ 5 МОҲУ 15 РӮЗИ СОЛИ 2025 ДАР ҲУДУДИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН 48 ҲОЛАТИ ҒАРҚШАВӢ БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУДААСТ, КИ БАР АСАРИ ОН 49 НАФАР БА ҲАЛОКАТ РАСИДААНД. ОМОРИ ДИГАР ШАҲРУ НАВОҲИИ КИШВАР ДАР ДАСТ НЕСТ, ВАЛЕ КУМИТАИ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДАИ ТОҶИКИСТОН САБАБҲОИ АСОСИИ ҒАРҚШАВИИ ШАҲРВАНДОНРО БЕЭҲТИЁТӢ ВА БЕТАВАҶҶУҲӢ ЗИМНИ ШИНОВАРӢ ДАР МАВЗЕЪҲОИ МАМНУЪ МЕДОНАД.**

### “НАҶОТ” ДАР ХАТЛОН

Тибқи иттилои Раёсати ВКД дар вилояти Хатлон, давоми 5 моҳу 15 рӯзи соли 2025 дар ҳудуди вилояти Хатлон 48 ҳолати ғарқшавӣ ба қайд гирифта шудааст, ки бар асари он 49 нафар ба ҳалокат расидаанд.

**Аз инҳо:**
*- аз 1 то 3-сола 19 нафар;*
*- аз 4 то 6-сола 4 нафар;*
*- аз 7 то 14-сола 11 нафар;*
*- аз 15 то 18-сола 6 нафар;*
*- ҷавонон 5 нафар;*
*- калонсолон 4 нафар.*

Бинобар ин, бо мақсади пешгирӣ аз талафоти ҷонӣ ва ҳодисаҳои ғарқшавӣ дар ҳудуди вилояти Хатлон амалиёти рамзӣ бо номи "Наҷот" оғоз гардид. Дар ин бора Раёсати ВКД дар вилояти Хатлон хабар медиҳад.

“Дар доираи амалиёти "Наҷот" кормандони милитсия, аз ҷумла масъулини Хадамоти огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ байни ноболиғону ҷавонони мақомоти милитсияи вилояти Хатлон ба соҳили каналу дарёҳо ва кӯлу ҳавзҳо, махсусан минтақаҳои барои оббозӣ мамнуъ ва хатарнок сафарбар карда шуда, маҷмӯи чорабиниҳои макcадноки профилактикӣ доир менамоянд”,- гуфта мешавад дар хабарнома.

### РИОЯИ ҚОИДАҲОИ ШИНОВАРӢ

Вале Кумитаи ҳолатҳои фавқулода омили асосии ғарқшавиро дар риоя накардани қоидаҳои оббозӣ медонад. Ин ҳолат дар саросари кишвар мушоҳида мешавад.

Бо фаро расидани тобистони гарм замони фароғату истироҳат ҳам оғоз мешавад. Дар шароити кунунӣ аксари мардум талош мекунанд истироҳати худро дар соҳил обхо гузаронанд. Табиист, ки ҳадаф ба ҷуз истироҳат шиноварӣ низ мебошад.

Вале ҳузур дар соҳили обхо қоидаҳои худро дорад. На ҳама шиноварданд ва на ҳама аз ин гуна қоидаҳо бохабаранд.

Дар фасли тобистон - фасли шиноварӣ ҳар сол шоҳиди марги одамони зиёде мешавем, ки аксари онҳо бар асари беэҳтиётӣ ва надонистани оддитарин қоидаҳои шиноварӣ рух додаанд.

Истироҳату фароғат назди кӯлу обанборҳо метавонад бо фоҷеа анҷом ёбад.

Аз ин рӯ, ҳангоми оббозӣ қоидаҳои бехатариро бояд риоя кард ва дар ҷойҳои манъшуда ба об набояд даромад.

Дар ҷадвали зер бархе тавсияҳо барои оббозӣ ба шумо тавсия мешавад.

**Д. ҚОДИРПУР**




# ДУШАНБЕ ВА ПЕКИН

## Хатсайри мустақими ҳавоӣ барқарор шуд

**Рӯзи 16-уми июн аввалин парвози ҳавопаймои мусофирбар тариқи хатсайри мустақими ҳавоӣ байни Душанбе ва Пекин сурат гирифт. Ин хатсайр аз ҷониби ширкати ҳавопаймоии «China Southern Airlines»-и Чин роҳандозӣ шуд.**

Парвоз тавассути ҳавопаймои муосири Boeing 787 Dreamliner иҷро шуд. Дар оянда ширкат ба истифодаи ҳавопаймоҳои Boeing 737-8 мегузарад. Мувофиқи ҷадвал, парвозҳо ҳафтае ду маротиба - рӯзҳои сешанбе ва шанбе анҷом дода мешаванд.

Аз Пекин ҳавопаймо соати 17:00 бо вақти маҳаллӣ парвоз намуда, соати 21:00 ба Душанбе мерасад. Аз Душанбе парвоз соати 22:30 оғоз шуда, ҳавопаймо соати 7:20-и рӯзи дигар ба Пекин мерасад. Вақти парвоз дар як самт тақрибан 7 соат ва дар самти бозгашт 6 соатро ташкил медиҳад.

Роҳандозии хатсайри мустақими ҳавоӣ байни пойтахтҳои Тоҷикистон ва Чин барои таҳкими муносибатҳои дуҷониба ва рушди ҳамкорӣ иқдоми муҳим арзёбӣ мешавад.

Хатсайри ҳавоӣ байни Душанбе ва Пекин соли 2016 роҳандозӣ шуда буд, аммо бинобар кам будани талабот соли 2017 бекор гардид. Соли 2020 бо сабаби пандемияи COVID-19 парвозҳо боздошт шуданд. Дар давраи охир парвозҳо танҳо бо хатсайри Душанбе - Урумчӣ сурат мегирифтанд ва соли 2024 хатсайри нави байни шаҳрҳои Хуҷанд ва Қошғар роҳандозӣ гардид.

## РЕЗААХБОР

Бо мақсади таъмин намудани ҷавонон, хатмкунандагони муассисаҳои олии мамлакат бо ҷойи кори доимӣ, дар филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе намоишгоҳи ҷойҳои кории холӣ баргузор гардид. Дар чорабинӣ идораю муассисаҳои давлатию ғайридавлатӣ ва ташкилотҳои карзии мамлакат, аз ҷумла Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк», фаъолона иштирок карданд.

***

Озмуни ҷумҳуриявии аксбардорӣ таҳти унвони «Рамзи дӯстии Чин ва Тоҷикистон - бинои Ҳукумат ва бинои Парлумони Тоҷикистон», ки бо ташаббуси Сафорати Чин дар Тоҷикистон ва АМИТ “Ховар” роҳандозӣ шуда буд, ҷамъбаст гардид, ки дар он Дидор Саъдуллоев - суратгири маъруфи кишвар ғолиб эълон шуд.

***

Дӯстдорони сарояндаи маъруф Аҳмад Зоҳир хотири ӯро дар рӯзи таваллуд ва маргаш пос доштанд. Нахуст 14-уми июн дар Академияи улуми Тоҷикистон бо ташаббуси Ҷамъияти дӯстии Тоҷикистону Афғонистон ҳамоиши бошукӯҳ баргузор шуд. 15-уми июн бошад, мухлисону алоқмандони ҳунарманд дар Варзоб маҳфили шеъру суруд барпо карда, сурудҳои зиндаёдро иҷро карданд.

***

17-уми июн дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон 75-солагии мавлуди шоир, барандаи Ҷоизаи адабии ба номи Мирзо Турсунзода Акбари Абдулло таҷлил шуд. Номбурда муаллифи маҷмӯаҳои шеърии «Розҳои танҳоӣ» (1991), «Фарёди дур» (1993), «Кошонаи сӯхта» (1997), «Созҳо аз розҳо»(2001), «Ниёзи дил» (2008), «Шоири дардҳо» (2011) ва ғайра мебошад.

***

- Қарзҳои додашуда дар Тоҷикистон 23% афзоиш ёфтаанд. Бақияи сандуқи карзии ташкилотҳои карзии молиявӣ ба зиёда аз 22,5 млрд сомонӣ расидааст, ки нисбати нишондоди соли қаблӣ беш аз 4 млрд сомонӣ афзудааст,- иттилоъ дод Бонки миллии Тоҷикистон.

# ФЕСТИВАЛИ ФАРҲАНГИИ КОРЕЯ ВА ОЗМУНИ РАҚСИИ K-POP ДАР ДУШАНБЕ

**13-14-уми июни соли 2025 Амфитеатри шаҳри Душанбе мизбони як чорабинии муҳими фарҳангӣ ва фароғатӣ гардид - Фестивали фарҳангии Корея ва Озмуни рақсии K-pop, ки бо ташаббуси Сафорати Ҷумҳурии Корея дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳамкорӣ бо Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд.**

Чорабинӣ бо ширкати намояндагони расмӣ ва садҳо ҳаводорони фарҳангу мусиқии Корея сурат гирифт. Дар фестивал Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Корея дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаноби Джон Сонг Шик, муовини вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Шарифзода Манучеҳр Муртазо, намояндагони созмонҳои фарҳангӣ, донишҷӯён ва дӯстдорони фарҳанги Корея ҳузур доштанд.

Дар оғози фестивал рақсҳои анъанавии тоҷикӣ ва кореягӣ пешкаш гардиданд, ки ба муҳити фарҳангӣ ранги тоза ва фазои дӯстию ҳамдигарфаҳмиро миёни ҳозирин таҳким бахшиданд.

Сипас, Сафири Корея ҷаноби Джон Сонг Шик бо сухани ифтитоҳӣ баромад намуда, таъкид кард, ки санъати муосири Корея,



бахусус K-pop, имрӯзҳо ҳамчун пуле миёни миллатҳо хидмат мекунад. Вай гуфт, ки "ин гуна чорабиниҳо на танҳо барои муаррифии фарҳанг, балки барои наздиксозии дилҳои ҷавонон ва густариши ҳамкориҳои мардум аҳамияти калон доранд".

### ДУ РӮЗИ ФАРҲАНГ ВА ЭҲСОСОТИ МУСБАТ

Фестивал дар ду бахш доир гардид. Рӯзи аввал ба Озмуни беҳтарин рақси K-pop бахшида шуд, ки дар он гурӯҳҳои ҳунарии ҷавон ва донишҷӯён аз донишгоҳҳои мухталиф ҳунари худро дар иҷрои рақсҳои муосири кореягӣ намоиш доданд. Иштирокчиён бо либосҳои сабки K-pop, таҳияи саҳнаҳо ва иҷроҳои касбӣ тамошобинонро ба ваҷд оварданд.

Ҳамзамон, маҳфили шиносоӣ бо фарҳанги кореягӣ, аз ҷумла



намоиши либосҳои анъанавии ҳанбок, таомҳои миллӣ, мусиқии анъанавӣ ва муосири Корея баргузор гардид. Меҳмонон имконият пайдо карданд, ки бо фарҳанги рӯзгори мардумони Корея аз наздик шинос шаванд.

Рӯзи дуюм маросими ҷамъбасти озмун баргузор гардид. Дар он ҳайати доварони байналмилалӣ гурӯҳҳои беҳтарини рақсӣ ва иштирокчиёни фаъолро бо тухфаҳо ва дипломҳо қадрдонӣ намуданд. Маҳорати баланди ҳунарӣ, ҳамоҳангии саҳнавӣ ва ҳиссиёти самимии иштирокчиён ин озмунро ба як ҷашни воқеии мусиқию рақсӣ табдил дод.

### ФАРҲАНГ - ВАСИЛАИ НАЗДИКШАВИИ ХАЛҚҲО

Мақсади асосии баргузории чунин фестивалҳо тақвияти робитаҳои дӯстона байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Корея ва шиносоии насли ҷавон бо фарҳанг, санъат ва забони кишварҳои ҳамкор мебошад. Чорабинӣ бозгӯи он буд, ки ҷавонони тоҷик на танҳо ба фарҳанги Корея таваҷҷуҳи зиёд доранд, балки қобилияти намоиш ва муаррифии ҳунармандона доштанд.

Дар маҷмуъ, Фестивали фарҳангии Корея ва Озмуни рақсии K-pop дар Душанбе на танҳо як рӯйдоди фарҳангӣ, балки як василаи муассири табодули фарҳангӣ ва ҳамдигарфаҳмии байни миллатҳо буд. Ҳамкориҳои фарҳангӣ бо кишварҳои рушдёфта метавонанд омили муҳими рушди ҷаҳонбинӣ ва дидгоҳи ҷавонон бошанд.




# ҶОРӮБИ БАСТА

## Чӣ тавр муҳоҷирон дар як деҳаи Ишкошим мактаб сохтанд?





**Як гурӯҳ муҳоҷирони меҳнатӣ аз деҳаи Намадгути ноҳияи Ишкошими ВМКБ, ки дар сар то сари дунё кору фаъолият мекунанд, дар зодгоҳашон мактаб бунёд карданд. Ташаббускори ин амали хайр Фароз Алиқулов аст, ки бо таъсиси гурӯҳи "Намадгутиёни дунё" дар шабакаҳои иҷтимоӣ муҳоҷирони ҳамдеҳаашро муттаҳид кард.**

Фароз Алиқулов муддате дар муҳоҷират буду баъди чанд сол ба зодгоҳаш деҳаи Намадгути ноҳияи Ишкошим баргашта, кӯчаву пайраҳаҳои замони кӯдакии худро тамошо мекунад. Ӯ пас аз дидани ҳолати мактаби деҳа ба хулосае меояд, ки барои фарзандони зодгоҳаш мактаби нав бо шароитҳои беҳтар лозим аст. Бинобар ин, дар ин мавзуъ бо директори мактаб суҳбат мекунад.

"Аз директори мактаб пурсидам, мо гурӯҳи муҳоҷироне, ки берун аз ватан қарор дорем, барои таъмир ва азнавсозии мактаб чӣ гуна метавонем ба шумо ёрӣ расонем? Директор гуфтанд, ки ростӣ чанд муддат боз барои азнавсозии мактаб ба маорифи ноҳия мактуб фиристодем ва дар ҳоли санҷиш қарор дорад".

Баъдан Фароз аксҳои ҳолати мактабро гирифта, ба Москва рафта, миёни муҳоҷирони ҳамдеҳаи худ масъаларо дар миён мегузорад. Ӯ бо муҳоҷирони ҳамдеҳааш тасмим мегиранд, ки барои ободониву пешравии деҳаву ноҳияи худ гурӯҳеро дар фазои маҷозӣ таъсис бидиҳанд. Ин гурӯҳро онҳо "Намадгутиёни дунё" унвон доданд.

Муҳоҷирон дар ҳамдиливу ҳамфикрӣ дар муддати кӯтоҳ тавонистанд бисёре аз ҳамдиёронро дар гурӯҳ ҷамъ оваранд.

"Нахуст бо маслиҳати ҳамдиёрон нақша гузоштем, ки тӯли як сол аз ҳар як муҳоҷир ба миқдори 10-ҳазоррублӣ ҷамъоварӣ намуда, сохтмони мактабро ба роҳ монем. Бо тарғибу ташвиқи ҳамдиёрон саҳми худро дар ин иқдоми нек гузоштанд",- гуфт Фароз.

Ҳамин тавр, соли 2020 сохтмони мактаб оғоз гардида, соли 2024 анҷом ёфт.





"Дар ҷойе, ки мо сохтмонро оғоз намудем, ду синфхонаи аллакай тайёр буд ва мо дар давоми он чор синфхона, хонаи муаллимон ва як китобхонаву толор сохтем. Масолеҳи сохтмонро бо пули муҳоҷирон харидем ва сохтмон тариқи ҳашари дастаҷамъонаи сокинони деҳа сохта шуд. Аз рӯи шартнома маорифи ноҳия мактабро бо таҷҳизот таъмин кард",- гуфт номбурда.

Ӯ афзуд, новобаста ба он ки муҳоҷирон ба давлатҳои Русия, Лаҳистон, ИМА, Британияи Кабир, Олмон ва дигар кишварҳо сафар карда, аллакай муқимӣ шудаанд, вале ҳувияти миллии хешро аз даст надода, ба ҳар восита диёри хешро дар арсаи ҷаҳон муаррифӣ мекунанд.

"Масалан худам муддати тӯлонӣ дар шаҳри Москва зиндагӣ мекунам ва аллакай фарзандонам калон шуда истодаанду дар ин ҷо таҳсил мекунанд. Вале пайваста дар фикри диёри хеш мебошам. Зеро он маконест, ки мо дар он таваллуд шудем, таҳсил кардем ва имрӯз бо шарофати сулҳу осудагии кишварамон ба ин мартабаи зиндагӣ расидем",- изҳор дошт Фароз.

Ба ғайр аз ин иқдом муҳоҷирони деҳаи Намадгут боз ёриҳои ҳамешагӣ ба деҳаи худ мекунанд. Масалан дар авҷи пандемияи коронавирус муҳоҷирон ба деҳаи Намадгут ба миқдори 474 ҳазор рубл ва ба беморхонаи ноҳияи Ишкошим 55 ҳазору 500 рубл бо харидани дору ва лавозимоти санитариву чизҳои зарурӣ барои пешгирӣ аз беморӣ кумак расониданд.

Ғайр аз ин барои зебоӣ ва равшансозии деҳа дар канори роҳҳо сутунҳои рӯшноидиҳиро насб кардаанд. Инчунин бо кумаки панҷоҳфоизаи Бонки умумиҷаҳонӣ дар якҷоягӣ бо намояндагии сокини деҳаи Намадгут Парвин Қурбонбеков дуюмин қубури обгузарро дар деҳа сохтанд.

Муҳоҷирони ин деҳ инчунин барои барқарорсозии осорхонаи таърихии деҳа бо номи "Шоҳимардон" маблағ ҷамъ карда истодаанд ва сохтмони осорхона аллакай оғоз гардидааст.

Фароз Алиқулов мегӯяд: "Ба тамоми муҳоҷирони тоҷик, ки дар саросари дунё ҳастанд, муроҷиат мекунам, ки ҳамеша мисли "ҷорӯби баста" иттифоқ бошанд, тавре бобоям мегуфт, ки "шохаҳои ҷорӯб дар танҳоӣ беқувват аст, вале "ҷорӯби баста" пурқувват мешавад. Иттиҳоди мо - ин қудрати мост!".

**Дило ДОРОБШОЕВА**

СӮЗИШВОРӢ

# ГАЗУ БЕНЗИН АРЗОН МЕШАВАД

**Дар Тоҷикистон чанд рӯзи охир тамоюли назарраси поёнравии нархи бензину гази моеъ мушоҳида мешавад. Чанд ҳафта нархи бензини маъмули АИ-92 ҳудуди 10,5-11 сомонӣ барои як литр буд. Ҳоло он ба 9,5 сомонӣ поён рафтааст. Нархи бензини АИ-95 низ аз 11 сомонӣ то 9,9 сомонӣ коҳиш ёфтааст. Дар баробари ин, арзиши гази моеъ қариб 1 сомонӣ кам шудааст.**



### САБАБҲОИ АСЛӢ КАДОМАНД?

Аввал, коршиносон инро ба поёнравии қурби доллар нисбат ба сомонӣ вобаста медонанд. Зеро ҳоло 100 доллар расман ба ҳудуди 980-990 сомонӣ баробар аст. Нисбат ба як моҳ пеш ин тақрибан 100-120 сомонӣ кам аст. Ин коҳишро нишон медиҳад. Аслан, Тоҷикистон маводи сӯзишворӣ, махсусан бензин ва гази моеъро бо доллар ворид мекунад. Ин арзоншавии доллар метавонад хариди молро барои ширкатҳои воридкунанда осонтар намояд.

Дуюм, тағйироти мавсимӣ низ дар арзиши бензин таъсири худро дорад. Дар фасли зимистон ва дар охири мавсими киштукор талабот ба сӯзишворӣ коҳиш меёбад, ки ин ба поёнравии нархҳо мусоидат мекунад.

Сеюм, беш аз 80% маҳсулоти нафтӣ аз Русия ва 90% гази моеъ аз Қазоқистон ворид мешавад. Қурби рубл нисбат ба сомонӣ дар солҳои охир паст рафтааст.

### БОЗОР ВА ШИРКАТҲОИ ВОРИДКУНАНДА

Ширкати "Газпромнефт-Тоҷикистон" ҳудуди 45%-и бозори бензин ва дизелро таҳти назорат дорад. Ин маънои онро дорад, ки тағйироти сиёсӣ ё иқтисодӣ дар ин ширкат метавонад ба тамоми бозор таъсир расонад. Қисми боқимондаи бозор байни чанд ширкат тақсим шудааст, ки ҳар кадом саҳми муайян доранд.

Мувофиқи маълумоти Хадамоти гумрук, аз оғози соли 2025 ба Ҷумҳурӣ ба маблағи 117,4 млн доллар зиёда аз 154 ҳазор тонна бензини навъи АИ-92 ворид шудааст. Дар давоми тамоми соли 2024 ба Ҷумҳурӣ ба маблағи умумии 829,4 млн доллар 1 млн 52,2 ҳазор тонна маҳсулоти нафтӣ интиқол дода шудааст.

Бо вуҷуди чунин поёнравии нархи сӯзишворӣ, Тоҷикистон ба воридоти газу бензин аз берун пурра вобаста аст. Ҳар гуна тағйироти шадид дар қурби доллар ё рубл метавонад зуд ба нархи бензин ва газ таъсир расонад. Дар маҷмӯъ, поёнравии нархи бензин ва гази моеъ дар Тоҷикистон то андозае ба вазъи иқтисодӣ, қурби асъор ва тамоюли мавсимӣ вобаста аст. Ин раванд метавонад барои истеъмолкунандагон муфид бошад, аммо эҳтиёт бояд кард, ки оянда бо сабаби таъсири омилҳои беруна нархҳо боз тағйир ёбанд.

ГУМРУК

# 20% БОҶИ ГУМРУКӢ

## Телефону смартфон дар Тоҷикистон қимат мешавад?



**Аз 1-уми июли соли равон нархи телефонҳои мобилӣ ва смартфонҳо дар Тоҷикистон эҳтимол боло равад. Сабаби аслӣ 20 фоиз ҷорӣ шудани боҷи гумрукӣ барои воридоти телефонҳои мобилӣ ва смартфонҳо мебошад.**

Дар асоси қарори нави Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба тасвиб расидааст, аз 1-уми июли соли 2025 меъёри боҷи гумрукии воридотӣ барои телефонҳои мобилӣ ва хушманд 20% муқаррар карда мешавад. То имрӯз ин нишондиҳанда ба сифр баробар буд ва ширкатҳои воридкунанда аз пардохти боҷи гумрукӣ озод буданд.

Тибқи иттилои расмӣ, ин қарор бо мақсади танзими бозори воридот ва афзоиши даромади буҷет қабул шудааст. Бо вуҷуди ин, эҳтимол ба болоравии нархи телефонҳо ва маҳдуд шудани дастрасии мардум ба технологияҳои муосир сабаб шавад.

Ёдовар мешавем, ки Ҳукумати кишвар аз июли соли 2024 имтиёзҳои гумрукиро барои воридоти телефонҳо бекор карда буд ва акнун боҷи расмии 20% татбиқ хоҳад шуд. Ин иқдом ба эҳтимоли зиёд харочоти тоҷирон ва ширкатҳои воридотиро зиёд карда, боиси афзоиши нархҳо дар бозори дохилӣ мегардад.

ФОРУМ

# СУҒД: БЕШ АЗ $ 4 МИЛЛИАРД САРМОЯ БА ИҚТИСОД

**Дар панҷ соли охир ба иқтисоди вилояти Суғд беш аз 4 миллиард доллар сармоя ҷалб гардида, 18 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи зиёда аз 250 миллион доллар дар қаламрави вилоят амалӣ мешаванд.**




Дар ин бора раиси вилояти Суғд Раҷаб Аҳмадзода зимни Форуми байналмилалии "Имкониятҳои тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ ва дурнамои ҳамкорӣ", ки дар шаҳри Хуҷанд баргузор шуд, изҳор дошт.

Раиси вилоят таъкид кард, ки дар доираи сиёсати саноатикунонии босуръати кишвар, ки то соли 2030 идома хоҳад ёфт, афзоиши коркарди ашёи хом, рушди истеҳсоли дохилӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ аз ҳадафҳои асосӣ ба шумор мераванд.

Ба гуфтаи Аҳмадзода, имрӯз дар шаҳру ноҳияҳои вилоят минтақаҳои саноатӣ фаъолият доранд ва Минтақаи озоди иқтисодии "Суғд" дар шаҳри Хуҷанд бо тамоми инфрасохтори зарурӣ барои ҷалби сармояи хориҷӣ муҳайё шудааст.

Инчунин, раиси вилоят аз дастгирии ҳамаҷонибаи Ҳукумати Тоҷикистон ёдовар шуд, ки барои рушди соҳаи туризм ва ҷалби сармоягузорон имтиёзҳои андозиву гумрукӣ пешбинӣ кардааст.

Дар Форуми байналмилалӣ намояндагони корпусҳои дипломатӣ, созмонҳои молиявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуданд.

**Усмон РАҲИМЗОДА**

МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ

# КАЛИДИ СОҲИБАҚЛ ШУДАН

**Дар ҷаҳони муосир саводи молиявӣ яке аз маҳоратҳои муҳими зиндагӣ аст. Бояд он аз хурдсолӣ омӯзонида шавад. Кӯдакон ва наврасон фаҳманд, ки пул чист, чӣ гуна онро дуруст истифода бурдан мумкин аст ва чӣ аҳамият дорад, ки дар оянда қарзҳои беҳуда нагиранд ва маблағҳоро самаранок истифода баранд. Омӯзонидани саводи молиявӣ ба хурдсолон на танҳо барои ҳифзи онҳо аз мушкилоти молиявӣ кумак мерасонад, балки дар ташаккули масъулияти онҳо нақши муҳим дорад.**

### АРЗИШИ ПУЛ

Пул ё сармоя бидуни меҳнату заҳмат ба даст намеояд. Барои он талоши зиёд сарф мешавад. Бинобар ин, ба кӯдакон фаҳмонидан лозим аст, ки пул воситаи ивазкунандаи молу хизматрасониҳо аст. Барои он ки донанд пул чӣ гуна ба даст меояд ва чӣ гуна бояд сарф шавад, онҳо бояд арзиши воқеии пулро дарк кунанд. Оилаҳо истифода намудани онро фаҳманд. Ин оянда ба зиндагии шоистаи онҳо замина мегузорад.

### САРФУ ХАРҶ

Зинаи дигар, кӯдаконро ташвиқ кунед, ки пулро на танҳо сарф кунанд, балки қисми онро барои ҳадафҳои оянда пасандоз намоянд. Масалан, ҷамъоварии пул барои харидани китоб ё он чӣ бароящон ҷолибу фоидаовар аст. Баъдан, омӯзонед, ки барои хароҷот бояд нақша кашанд. Ин маънои онро надорад, ки ҳар чӣ хоҳанд, харанд. Баръакс, ба онҳо фаҳмонида шавад, ки он чӣ харидорӣ мекунанд, то кадом андоза зарур асту ба нафъи онҳост. Яъне, сохтани буҷет ба кӯдакон ёрӣ медиҳад, ки маблағҳо оқилона тақсим кунанд.

### МАСЪУЛИЯТ

Барои кӯдакон муҳим аст, ки фаҳманд қарз чӣ аст ва чаро бояд онро ба вақти муайян баргардонанд. Қарзи беандеша метавонад боиси мушкилоти ҷиддӣ шавад. Роҳҳои шавқовар барои омӯзиш бозичаҳо ва бозиҳои таълимӣ аст. Ин бозӣ барои омӯзиши идоракунии пул ва сармоягузорӣ хеле муфид аст. Яъне, ба кӯдакон чӣ гуна пулро оқилона сарф кардану маблағгузорӣ карданро омӯзонед. Ҳар гуна бозии таълими саводи молиявӣ кӯдаконро бо консепсияи даромад, хароҷот ва пасандоз ошно мекунад. Ба онҳо дар фаҳмиши ҳадафҳои молиявӣ кумак мекунад.

Имрӯз барномаҳо ва бозиҳои мобилӣ ҳастанд, ки аз рӯйи мақсадҳои молиявӣ таҳия шудаанд. Кӯдаконро тавассути фаъолияти шавқовар ба омӯхтани молия ҷалб мекунанд.

Омӯзонидани саводи молиявӣ ба кӯдакон ва наврасон бояд бо забони содда ва бо истифода аз усулҳои шавқовар анҷом дода шавад. Ин кумак мекунад, ки онҳо дар оянда дар мавриди пул қарорҳои дуруст қабул кунанд, барои зиндагии мустақил ва муваффақ омода гарданд.

Бо ин роҳ насли соҳибақл ва масъулиятшинос ба воя мерасад.

# ВАҚТЕ КИ ҲАҚИҚАТ ТИР ХӮРД

(Идома аз шумораи гузашта)

## ИМТИҲОН ДАР ПАСИ ДАРИ БАСТА

Бо Ӯктам Абдуллоевич ба утоқи дигар гузаштем. Уток, ки бештар ба ҳуҷраи бозпурсӣ мемонд, холӣ ва камҷиҳоз буд. Танҳо як мизи корӣ ва курсие дар гӯшаи он меистод. Деворҳо хомӯш, тирезаҳо пӯшида, фазо пур аз оромии печидае буд, ки гӯё интизории як имтиҳони ноаёнро мекашид.

Ӯ бо ишораи кӯтоҳ маро ба нишастан даъват кард. Худаш чанд лаҳза ором монд, сипас рӯи миз, ки то он дам холӣ буд, чанд чиз гузошт. Дуруст дар ёдам нест: шояд 15 ё 20 варақи сафед, як китобчаи тунук, бо номи «Лаъли Бадахшон» ва ду варақи чопшуда ба забони русӣ.

Сипас гуфт:

- Шумо се супориш иҷро мекунед. Аввал, тарҷумаи ҳоли худро ба таври муфассал дар як варақ нависед. Дуюм, ин ду варақ матни русиро ба тоҷикӣ тарҷума кунед. Сеюм, ба ин китобча тақриз нависед. Вақт - се соат.

Ӯ ба соаташ нигоҳ кард ва табассуме намуд - табассуме, ки танҳо хоси ӯ буд. Ман низ ба соати деворӣ дида дӯхтам. Ақрабаки соат хомӯшона ҳаракат дошт, гӯё маро водор мекард, ки тараддуд намоям.

- Ҳар се супоришро дар ҳамин ҷо, дар ҳамин муҳит менависед. Саросема нашавед,- гуфт Ӯктам Абдуллоевич ва дарро оромона аз берун баст.

Оромӣ. Сукути шикастнопазир. Танҳо ман, миз, коғаз ва се соат.

Навиштани тарҷумаи ҳол барои ман мушкил набуд, каму беш таҷриба доштам, медонистам чӣ бояд гуфт ва чӣ бояд нагуфт. Тарҷумаи матни русӣ низ, бо вуҷуди набуди таҷрибаи касбӣ, он қадар душвор набуд. Аммо тақриз - ҳамин қисмат дили маро ба таҳлука меовард. Он замон на телефони мобилӣ буд, ки чизеро биҷӯям, на компютере, ки андешаҳоро ба таври фаврӣ танзим кунам. Танҳо ман будаму қалам ва дунёи хаёлотам.

Аввал аз матни русӣ оғоз кардам, онро бодиққат, бо эҳтиёт ва ба забони фаҳмои тоҷикӣ тарҷума кардам. Пас, ба навиштани тарҷумаи ҳол гузаштам.

Дар ниҳоят, китобчаи тунук - «Лаъли Бадахшон»-ро, ки тақрибан 30-40 саҳифа дошт, ба даст гирифтам. Ибтидо сарсарӣ мутолиа кардам, то тасаввури умумӣ пайдо кунам. Сипас дубора, бодиққат хондам, нуктаҳои муҳимро дар ҳошия қайд кардам, зерашон хат кашидам. Он гоҳ варақҳоро пеш кашидам ва ба навиштани тақриз оғоз намудам.

Бо вуҷуди шитоб, мекӯшидам, ки тарзи баёнам фаҳмо, мантиқӣ ва таҳлилӣ бошад. Аммо ёдам



*Муродуллоҳ Шерализода ва Муқаддас Искандаров*

ҳаст, ки дар китобча камбудиҳо ҷой доштанд: дар имло, дар услуб, дар сохтмони ҷумлаҳо ва дар баъзе мавридҳо тарҷумаи таҳтуллафзӣ аз русӣ боқӣ монда буд.

Се соат ба назарам чун як мижа задан гузашт.

Ӯктам Абдуллоевич, баробари анҷом ёфтани муҳлати муқарраршуда, вориди утоқ шуд. Коғазҳо-ро оромона аз дасти ман гирифт ва гуфт:

- Фардо соати 10 ба утоқи ман биё.

Ман низ аз паси ӯ берун шудам. Дар паси дари бозмонда лаҳзае хомӯш мондам. Фаҳмидам: шояд, дари дигаре дар зиндагӣ маро интизор аст, то бо калиди заҳмат онро кушоям.

## ДАРИ НАВЕ, КИ БОЗ ШУД

Он шаб бароям аз шабҳои қаблӣ ҳам вазнинтар буд. Бори гарони интизорӣ мисли соя вуҷудамро фишор меовард. Ман бо фикрҳои гиреҳхӯрда ва хаёли имрӯзи номаълум тани танҳо будам. Медонистам: фардо ё кафшамро пеши поям мегузоранд, ё даре ба рӯям боз мешавад. Дастам на ба навиштан мерафт, на хондан. Дар зеҳнам сухани «имтиҳон» чун ангушти муаллим дар лавҳаи синф, тоб меҳӯрд.

Чанд маротиба майли ба Муродуллоҳ Шерализода занг задан кардам, зеро бо тавсияи ӯ ба ин даргоҳи умед қадам гузошта будам. Аммо... ҷуръат накардам. Гӯё бо нигоҳ мегуфт: «Натиҷаи имтиҳонро интизор бош!». Ҳамин тавр, шаби пуртаҳлукаи интизорӣ лабрези хаёлу дуохо сипарӣ шуд.

## КОР ДАР НАШРИЁТИ «МАОРИФ»

Субҳ бо дили пур аз ҳаяҷон, вале қадами устувор ба идораи нашриёти «Маориф» ворид шудам. Ман медонистам, ки имрӯз тақдирам дар роҳи касбият муайян мешавад. Ӯктам Абдуллоевич бо чеҳраи ҷиддӣ, вале ботавозуъ маро истиқбол кард ва ба назди сармуҳаррир бурд.

Мукаддас Искандаров чун ҳамеша бо нигоҳи пок ва лаҳни шиноваращ маро истиқбол гирифт. Аз ҷояш хеста, дастамро гарм фишурду даъват кард, ки биншинам.

- Мо натиҷаҳои кори шуморо баррасӣ кардем,- ба сухан омад ӯ. Аз имтиҳон гузаштед. Муаллима Мукаррама Қосимова дар бораи шумо тавсифномаи хуб доданд.

Ин ҳарфҳо барои ман пас аз як зимистони тӯлонии ноумедӣ, офтоби нахустини баҳор буданд. Искандаров суханашро идома дод:

- Меарзед, ки шуморо ба ҳайси муҳаррири калон ба кор қабул кунем, лекин танҳо як ҷойи холӣ дорем -муҳаррири хурд. Агар розӣ бошед, ба он вазифа таъин мекунем ва баробари пайдо шудани ҷой, мақоми шуморо боло мебардорем.

Ба ҷониби Ӯктам Абдуллоевич нигаристам. Ӯ бо нигоҳ ишора дошт, ки «Розӣ шав!». Ман ризоият додам.

Ҳамон рӯз фармони ба кор қабул кардани ман баромад. Баъди яку ним моҳ маро ба муҳаррирӣ гузарониданд ва се моҳ пас, ман аллакай муҳаррири калон будам.

<u>*Чаканаи виҷдон*</u>

## ОЁ ТУ ОДАМ ҲАСТӢ?

Дар зиндагии ҳар фард лаҳзае ҳаст, ки аз ӯ на мансаб мепурсанд, на дороӣ, на ҳашаммату бузургӣ. Аз ӯ пурсида мешавад:

**«Оё ту одам ҳастӣ?»**

Он рӯз як рӯзи оддӣ буд. Як тӯйи оддӣ. Як сафари оддӣ.

Аммо лаҳзае фаро расид, ки он дигар оддӣ набуд.

Муродуллоҳ Шерализода ҳамроҳи хонаводааш - ҳамсар, ду кӯдак ва модарарӯс ба тӯйи дӯсташ, ба Ҳисор мерафтанд. «Волга-24»-и сафеди ӯ, ки хосили меҳнати чандсола дар Афғонистон буд, дар шоҳроҳи Рӯдакӣ, назди Донишгоҳи омӯзгории ба номи Т. Шевченко суръаташро паст кард. Дар канори роҳ зани парешоне, кӯдаки хунолуд дар оғӯш, пойлуч ва мӯйҳояш парешон ба самти мошинҳо даст дароз карда, бо овози ҳазин фарёд мекашид:

- Илтимос! Кӯдакамро аз мурдан наҷот диҳед!

Ӯ мошинро канори роҳ гирифт. Модари ҷавон бо чашмони ашкбор ва кӯдаки хунолуд дар даст ба мошинҳо овезон буд:

- Илтимос, кӯдакам мемурад! Ёрӣ диҳед!

Ин лаҳза ба назари Муродуллоҳ ақрабаки соат аз гаштан бозмонд. Муродуллоҳ нигоҳи кӯтоҳе ба кӯдак андохт ва гӯё садои дили худро шунид: “Агар ин кӯдакро наҷот надиҳӣ, ҳар чӣ хондаӣ, ҳар чӣ гуфтаӣ, ҳар чӣ кардӣ, арзише надоранд”.

- Хосият, Нигина, Эраҷ, бо модаратон зуд аз мошин поён шавед!,- фармуд ӯ бо овози қотеъ.

Модарарӯс, ки барои рафтан ба тӯйи арӯсӣ нав аз назди машшота баромада буд, бо хотири озурда ва лаҳни нешдор изҳори норозигӣ кард:

- Фу, ҳамин ҳам гап шуд!

Хосият бо нигаронӣ гуфт:

- Муродуллоҳ, ин тӯйи дӯстони қадрдони мост, дер мекунем.

Аммо ӯ дигар чизе намешунид. Амалаш ҳам мувофиқи донистаи худаш буд: «Марди асил аввал одам аст, баъд ҳамсар, сипас дӯст».

Ӯ кӯдакро аз бағали модар гирифт. Хун аз пойи кӯдак мешорид. Вай бо суръати баланд мошинро ҷониби бемористони “Ёрии таъҷилӣ”, кӯчаи Садриддин Айнии Душанбе ронд. Дар роҳ, назди Фурӯшгоҳи марказӣ нозири БДА талош кард ӯро боздорад. Ишора кард, ҳуштак кашид. Аммо мошин наистод. Сипас ба мототсикл савор шуду “Газ 24”-ро дунбол гирифт. Аз пасу пеш, паҳлу, бо ҳуштак, бо ишораву фарёд мехост Муродуллоҳро ба таваққуф водор созад. Ба гӯши Муродуллоҳ танҳо садои нолаи модар ва тифл мерасид.

Муродуллоҳ назди даромадгоҳи бемористон мошинро нигоҳ дошт. Дар даст тифли хуншор ба дарун давид. Кӯдакро ба шуъбаи ҷарроҳӣ супурд.

Танҳо баъд аз он, ки табибон “дар вақташ овардед, наҷот меёбад” гуфтанд, нафаси сабук кашид.

Муродуллоҳ аз бемористон хориҷ шуд. Нозир дар назди мошин ӯро мунтазир буд. Ҳуҷҷат талаб кард.

Муродуллоҳ, ки либосаш хунолуду чеҳрааш хаста буд, гуфт:

- Надидӣ, ки кӯдак дар дами марг буд?

Аммо нозир тӯтивор мегуфт: «Қоидаи ҳаракат дар роҳро вайрон кардӣ!».

- Ман қарзи виҷдонамро адо кардам,- ба сухан омад Муродуллоҳ.

- Ман вазифа иҷро мекунам,- гуфт дар ҷавоб нозир ва бо исрор ҳуҷҷат талаб намуд.

Шерализода ҳуҷҷатҳоро ба нозир супорид ва ба он ҷое, ки зану кӯдаконашро фароварда буд, баргашт. Дар он ҷо касе набуд. Ҳама рафта буданд.

Он рӯз Шерализода ба тӯй нарафт.

Ӯ тӯйи виҷдон дошт.

Дар зиндагӣ шояд кам касоне бошанд, ки ҷорчӯбаи «қонун»-ро шикананд, то «ҷон» биҳаранд. Кам касест, ки амали худро бо тарозуи виҷдон баркашад.

Дар лаҳзаҳои тақдирсоз қаҳрамонӣ на дар рутба аст, на дар донишу мансаб, балки дар тавоноии инсон барои гузаштан аз худ, аз хостаҳои фардӣ, ба хотири наҷоти дигарон.

Муродуллоҳ Шерализода он лаҳзаро интихоб кард, ки бисёре худхоҳон аз он гузар мекунанд: лаҳзаи фидоӣ будан, наандешидан аз оқибат, бе интизорӣ ба сипос.

Қоидаҳо барои ба тартиб андохтани зиндагӣ офарида шудаанд, аммо виҷдон барои наҷот додани он.

Вақте ки ҷони як кӯдак дар ихтиёри ӯ қарор гирифт, ӯ на фақат фармонро шикаст, балки бо амали худ як ҷаҳони инсонӣ сохт. Ва ҳамин аст рисолати асли одам, фаромӯш кардани қоида, ба хотири эҳсоси ҷавобгарӣ дар лаҳзаи зарурӣ.

**Иқтибос аз бузургвор:**

*«Ҳар ҷо, ки одамӣ ба ниёзи одамӣ посух мегӯяд, он ҷо ибтидои Худо аст».*

**Маҳатма Гандӣ**

**(Давом дорад)**

**Шариф ҲАМДАМПУР**




# «ДОСТОНИ ПИСАРИ МУАЛЛИМ»

## падидаи тоза дар насри муосир

**Китоби “Достони писари муаллим” асари тозаест, ки дар насри ҳуҷҷатии муосири тоҷик ҳамчун як падидаи ҷолиб ва тоза зуҳур кардааст. Ин китоб, ки ба зиндагӣ ва фаъолияти яке аз фарзандони содиқи ватан - Гул Шералӣ бахшида шудааст, дар навишт ва баёни воқеиятҳо сабки нав ва диди хосро ба намоиш мегузорад. Муаллиф - Шарифи Ҳамдампур бо як ҷаҳон ҳисси масъулият ва дарки амиқи рисолати сухан, достони мардеро рӯи коғаз овардааст, ки роҳи ӯ дар айни замон инъикоси роҳи як давлати навбунёд низ ҳаст.**

Китоб на танҳо саргузашти шахсии Гул Шералӣ, балки таърихи зиндаи замони муосири диёри моро дар худ таҷассум намудааст - аз оғози соҳибистиқлолӣ то поя гузоштан ва рушд кардани сохторҳои муҳими иқтисодӣ, аз ҷумла саноат ва энергетика, ки таҳти роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ шудаанд. Ҳамчунин, китоб таърихи ҷуғрофии як минтақа - деҳаи Олучадараи ноҳияи Данғараро, ки зодгоҳи қаҳрамони асар мебошад, пешкаши хонанда мегардонад.

Яке аз навгониҳои аз ҳама муҳими китоб усули нигориш мебошад. Муаллифи асар сабки тозаро ба кор бурдааст, ки дар насри муосири тоҷик хеле кам дида мешавад: омезиши тахайюлоти бадеӣ бо воқеияти ҳуҷҷатӣ. Ҳар саҳифа гувоҳи як пайванди қавӣ миёни гузаштаи шахсӣ, вазъияти иҷтимоӣ ва рушди кишвар мебошад. Ин сабки хос як навъ нигориши публисистӣ бо ангезаи драматургия ва санъати шабеҳсозӣ мебошад, ки хоси қалами муаллиф аст.

Навгонии дигар ва хеле ҷолиби ин китоб анҷом бахшидани ҳар боб бо суҳбати зинда ва мусоҳиба бо Гул Шералӣ мебошад. Ҳар яке аз ҳафт боб на танҳо як бахши муҳими ҳаёти қаҳрамонро дар бар мегирад, балки дар фарҷом ӯро рӯ ба рӯ бо вақт мегузоранд. Гул Шералӣ, ки гӯё худ дар поёни ҳар қисмат ба гуфтугӯ менишинад, ба гузашта менигарад, онро бо воқеияти рӯз муқоиса мекунад ва хулосаҳои инсонии хешро бо хонанда дар миён мегузорад. Ин тарзи нигориш ба китоб на танҳо маънии фалсафӣ мебахшад, балки таассуроти амиқи рӯҳонӣ ва ахлоқӣ низ ба хонанда мерасонад.

“Достони писари муаллим” - на танҳо таърихи як инсон, балки достони мардест, ки бо сидқу вафо ба Ватан хидмат кардааст. Воқеан ин китоб дастовардест, ки аз он аҳли суханҳам ҳам хонандаи оддӣ ва ҳам пажӯҳишгарон баҳра хоҳанд бардошт.

**Муҳаммад ҒОИБ,**
**Шоири халқии Тоҷикистон, Барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ**

**ДАР ТЕАТРИ ДАВЛАТИИ АКАДЕМИИ ОПЕРА ВА БАЛЕТИ БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ НАХУСТНАМОИШИ БАЛЕТИ “ПИРЯХ”-И БАСТАКОРИ МАЪРУФИ ТОҶИК, ҲУНАРПЕШАИ ХАЛҚИИ ТОҶИКИСТОН ТОЛИБХОН ШАҲИДӢ БАРГУЗОР ГАРДИД. БАЛЕТИ МАЗКУР БА ТАШАББУСИ ТОҶИКИСТОН ДОИР БА ҲИФЗИ ПИРЯХҲО БАХШИДА ШУДААСТ.**



# «ПИРЯХ»-И ТОЛИБХОН ШАҲИДӢ





Балети мазкурро балетмейстери рус Сергей Райник ба саҳна гузошта, раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Низом Қосим либреттои онро таълиф кардааст.

Балети «Пирях» аз як парда ва панҷ намоиш иборат аст. Қаҳрамонони асосии намоиш - Рӯҳи дараи кӯҳӣ, Аждаҳо, мурғи афсонавии Симурғ, Рӯҳи Замон, Дилдор, Дилбар, шағоли Васваса, Маликаи Об ва Қувваи Заминанд. Дар балети мазкур унсурҳои табиат бо сарнавишти инсон ҳамсон тасвир шудааст.

Сергей Райник мегӯяд, ки «Пирях» пеш аз ҳама достони одамон, эҳсосот ва покии ботинии онҳо мебошад. “Пиряхҳо ва табиат рамзи муҳаббат, ҳамоҳангӣ ва иртиботи байни инсон ва муҳити зист мебошанд. Вақте ки сулҳу оштӣ дар муносибати инсонӣ ҳукмфармост, табиат низ ором аст”,- мегӯяд ӯ.

Дар ин намоиш унсурҳои асотирии тоҷикии миллӣ бо афсонаҳои ҷаҳонӣ омехта шудаанд.

Райник мегӯяд, вақте ки муноқишаҳо, ҳасад ва хиёнат дар байни одамон ба вуҷуд меоянд, дар табиат низ бесарусомонӣ ва вайронкорӣ шуруъ мешавад.

“Балети «Пирях» нишон медиҳад, ки неруи манфии ҷомеа табиатро, ки хонаи умумии мост, хароб мекунад. Вале бо ором шудани одамон, иттиҳоди онҳо, ҷаҳон дубора ба ҳамоҳангӣ бармегардад”,- мегӯяд Райник.

Ба гуфти ӯ, паёми асосии намоиш - ҳифзи покӣ ва зебоии табиат, пешгирӣ аз об шудани пиряхҳо зери таъсири хашм ва нерӯҳои вайронгар аст. Табиат бояд абадӣ бимонад ва мо - посбонони он бошем.

Мусиқии балети “Пирях”-ро бастакори ҷаҳоншумули тоҷик, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, Барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ Толибхон Шаҳидӣ дар ҳамоҳангии мусиқии миллии тоҷик ва академӣ эҷод кардааст.

Коршиносон ба саҳна гузошта шудани ин асарро падидаи нодири фарҳангӣ арзёбӣ мекунанд. Қарор аст, ки асари мазкур дар саҳнаҳои ҷаҳонӣ низ намоиш дода шавад.

Камолиддин Сайфиддинзода, директори Театри давлатии академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ мегӯяд, ки балети мазкур имсол дар шаҳри Парижи Фаронса ва Брюсселли Подшоҳии Белгия пешкаши тамошобин хоҳад шуд.

Ёдовар мешавем, ки балети «Пирях» ба ташаббуси ҷаҳонии Тоҷикистон оид ба ҳифзи пиряхҳо бахшида шудааст. Маҳз бо пешниҳоди Тоҷикистон 14-уми декабри соли 2022 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид зимни иҷлосияи 77-ум қатъномаи «Соли 2025 - Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон кард. Соли равон дар шаҳри Душанбе Конфронси сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳо баргузор шуд.



Саодат Азизова:

# ТО ПЕШОНӢ БА ДЕВОР НАЗАНАД...

**Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Саодат Азизова аз ҷумлаи чеҳраҳои саршиноси театр ва синамои тоҷик аст, ки бо садоқат ба ҳунар, заҳмат ва маҳорати нотакрор тавонистааст дар қалби ҳазорон тамошобини тоҷик ҷойгоҳи худро пайдо кунад. Дар баробари кори ҳунарӣ, ӯ ба тарбияи насли нави ҳунармандон низ машғул аст. Мусоҳибаи зер аз рӯзгору касби пурифтихори ӯ қисса мекунад.**





**- Сараввал мехостем аз замони кӯдакиатон ёдовар шавед. Чӣ шуд, ки ба ҳунар дил бастед ва оё дар оғози роҳ касе ба шумо монеа эҷод кард?**

- Падарам прокурор буданд. Мо ҳар чор сол аз як ноҳия ба ноҳияи дигар мекӯчидем. Барои ҳамин мегӯям, ки ман зодаи тамоми минтақаҳои Тоҷикистонам. Дар Панҷакент ба дунё омадам, дар Шаҳритус ба мактаби миёна рафтам, дар Комсомолобод (ҳоло Нуробод) таҳсилро давом додам, баъд охир омадаму дар ноҳияи Данғара мактабро хатм кардам.

Дар чорабиниҳои фарҳангӣ дар ин минтақаҳои кишвар баромад мекардам. Дар саҳна бо меҳру муҳаббати зиёд шеър мехондам. Модарам ҳам бо ҳавас ба ман шеърҳову саҳначаҳоро ёд медод. Падарам бисёр мехостанд, ки ман ҳуқуқшинос шавам, вале худам ба ҳунар маҳр доштам. Вақте мактабро хатм кардам, ба падарам гуфтам, ки "мехоҳам ҳунарманд шавад, ба Москва иҷоза намедодед, акнун ихтисоси актёрӣ дар Тоҷикистон ҳам ҳаст... ". Падарам дигар норозигӣ накарданд.

Он кас иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ буданд. Нақл мекарданд, ки вақте ярадор шуда, дар госпитал бистарӣ мешаванд, як гурӯҳи ҳунармандон барои онҳо консерт медиҳанд. Баъдан ман фаҳмидам, ки ин гурӯҳи "Салом, Гурҷистон!" будааст. Ҳамон вақт яке аз ҳунармандон тоҷик будани падарамро фаҳмида, ба забони тоҷикӣ гап мезанад, суруд ҳам месарояд. Падарам баъдтар мефаҳманд, ки он кас Туҳфа Фозилова будаанд. Шояд аз ҳамон ҷо меҳри санъат ва эҳтиром нисбат ба ҳунармандон дар қалби падари ман пайдо шуд. Мусиқиро бисёр дӯст медоштанд. Дар кори худашон ҷиддӣ буданд, аммо ба фарзандон дар амалисозии хостаҳояшон кумак мекарданд.

**- Ба зодгоҳ зуд-зуд меравед?**

- Замоне ки падарам зинда буданд, ба зодгоҳам - шаҳри Панҷакент мерафтем. Соли гузашта дар ёдбуди устод Лоиқ Шералӣ бо сафари ҳунарӣ рафта будем. Дар Шаҳритус ҳамагӣ як сол таҳсил кардам, аммо асосан дар Нуробод калон шудам. Баъд дар Данғара ҳамагӣ чор сол таҳсил кардам.

**- Чӣ гуна роҳи ҳунарро оғоз кардед?**

- Вақте роҳи ҳунарро интихоб мекунӣ, бояд ба ҳама чизе, ки дар ҳаёт рух медиҳад, омода бошӣ. Лекин мо он вақт ҷавон будем ва ҳатто фикр ҳам намекардем, ки зиндагӣ чӣ асту дар он чӣ воқеаҳо мешавад. Мо ин касбро бо як ишқу эҳсоси баланд интихоб карда будем ва намедонистем, ки чӣ гуна бояд мубориз буд. Ба мо инро касе ҳам нагуфта буд. Аммо вақте худам омӯзгор шудам, ба шогирдонам, махсусан ба духтарҳо бисёр суханҳоро гуфтам, ки дар оянда ба қавле "пешонаашон рафта ба девор назанад". Онҳоро бояд омода кард, то аз пастиву баландиҳои роҳи ҳунар дилозурда нашаванд, фирефта нагарданд.

**- Дар бораи солҳои таҳсил дар донишгоҳ нақл кунед. Муҳити он солҳо чӣ гуна буд?**

- Ман дар як гурӯҳи хеле хуб таҳсил кардам. Мо аз устодони боистеъдод сабақ гирифтем. Вақте мо омадем, аллакай факултети санъат дар назди Донишгоҳи омӯзгории ба номи С. Айнӣ (он замон ба номи Шевченко) таъсис ёфта буд. Мо студияи дуюм будем ва аз мо пештар як студияи дигар таҳсил мекард, ки ҳунармандону коргардонҳои дар оянда хеле машҳурро ба камол расонид, аз ҷумла Исо Абдурашидов, Мирзоватан Миров, Бобоҷон Ҳасанов, Асалбек Назриев. Ба гурӯҳи мо Муҳаммадҷон Қосимов, Ҳоҷиқул Раҳматуллоев, Тамара Абдушукурова, Хушназар Майбалиев, Аскар Абдураҳмонов, Тӯрахон Аҳмадхонов, Аҳмадҷон Қодиров, Марям Исоева, Қимматшо Ҳимматшоев дарс гуфтаанд, хатто худи Маҳмудҷон Воҳидов хушбахтона ба мо як моҳ дарси нутқи саҳнавӣ омӯзониданд.

Дар гурӯҳи мо дар аввал 25 нафар буд, вале донишгоҳро 21 нафар хатм кардем. Дар байни курси мо беҳтарин ҳунармандоне буданд, ки дар оянда ҳунарпешаҳои халқӣ, коргардонҳои шинохта шуданд. Фаррух Қосимов, Баҳодур Миралибеков, Шералӣ Абдулқайсов - ҳунарпешаҳои халқии Тоҷикистон, Сабоҳат Қосимова, Латофат Барзуева нафароне шуданд, ки дар саҳнаи тоҷик бисёр заҳмат кашиданд. Курси мо бисёр хушбахт буд, чун аз устодони барҷаста хеле таҷриба гирифтем. Мустақилона низ кор мекардем.

**- Шумо дар чандин театрҳои бонуфузи кишвар кор кардаед. Кадом марҳилаи касбӣ дар ҳаётатон хотирмон буд?**

- Баъди хатм, соли 1973 мо 8 нафар ба Театри ба номи Лоҳутӣ омадем. Ҳоло дар ин ҷо намоишҳо кам ва танҳо рӯзона мегузаранд. Он вақт мо намоиши шабона доштем, ки аз соати 19 то 22 давом мекард. Баъди намоиш мо шабҳо низ истода кор мекардем.

Баъдан аз ин ҷо соли 1977 бо сабабҳои оилавӣ ба Театри мазҳакаи мусиқии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб рафтам. Боз аз он ҷо баргашта омадем, зеро шавҳарам Салим Муқимовро баъди марги Маҳмудҷон Воҳидов ба Театри Лоҳутӣ даъват карданд. вақте шавҳарамро даъват карданд. Салим ҳам актёри боистеъдод буд ва бисёр зебо шеър мехонд. Мо як муддат дар хобгоҳ зиндагӣ кардем. Шавҳарам ҳамон ҷо вафот кард. Ман 10 соли дигар бо кӯдаконам дар хобгоҳ мондам. Мо аз ҷумлаи охирин нафароне будем, ки охири солҳои 90 соҳиби хона шудем.

**- Ҳоло фарзандонатон ба чӣ корҳо машғуланд? Нафаре аз онҳо роҳи санъатро пеш гирифт?**

- Се фарзанд дорам ва ҳар яке ҳоло дар касбу кори худ муваффақанд. Ҳамон солҳо чанд муддат барои тарбияву ба камол расонидани онҳо талоши кори саҳна накардам. Худоро шукр, духтарам Донишгоҳи тиббиро дар замони ректории Юсуф Исҳоқӣ бо дипломи аъло хатм кард, ҳоло дар хориҷ аз кишвар кору зиндагӣ дорад. Як писарам ҳуқуқшинос, дигараш муҳандис шуд. Вале ҳамаашон маълумоти мусиқӣ доранд. Аз ҳама дӯстони наздикам барои ман фарзандонам ҳастанд.

**- Дар бораи сафарҳои ҳунарии худ нақл кунед. Кадоме аз онҳо барои шумо хотирмон буд?**

- Вақте дар Театри "Аҳорун" кор мекардем, бо талошҳои коргардони бисёр шинохтаи мо Фаррух Қосимов борҳо ба сафарҳои ҳунарӣ баромадем, дар озмунҳои театрии кишварҳои ҷаҳон иштирок карда, соҳиби ҷоизаҳо гаштем. Чандин бор ба Эрон сафар карда, "Шоҳҷоиза" гирифтем, бо намоиши "Юсуфи гумгашта" "Сиккаи тиллоӣ"-ро ба даст овардем. Ба Белҷик, Фаронса, Ҳолланд, Лаҳистон сафарҳои ҳунарӣ доштем. Баъдан, дар дигар кишварҳо низ будам.

**- Нақшҳои аввалини худро дар хотир доред?**

- Нақшҳои аввалини ман аз замони донишҷӯӣ оғоз мешаванд. Мо корҳои дипломӣ доштем, "Дохунда"-и устод Айнӣ, "Моҷаро дар Кӯча" ва "Камбағалӣ айб нест"-и Островский. Ман дар ин намоишҳо нақшҳои асосиро иҷро мекардам. Нақши Гулнорро дар "Дохунда", Лизочкаро дар "Камбағалӣ айб нест" ва Арсетаро дар "Моҷаро дар Кӯча" иҷро кардам. Ҳунарпеша бояд ҳам нақши манфӣ ва ҳам мусбатро иҷро карда тавонад.

(Давомаш дар саҳ. 14)





**Аз меъёр зиёд нӯшидани машруботи спиртӣ дар бештари маврид бо ҳодисаҳои нохуш анҷомида, мутаассифона дар баъзе ҳолатҳо бо ҷинояти одамкушӣ меанҷомад.**

# КУШТОРИ ДУХТАР АЗ ҶОНИБИ ПАДАР



Чунин як фоҷеаи даҳшатбор санаи 10-уми июни соли ҷорӣ шабона тахминан соатҳои 21:00 дар ноҳияи Фархор ба вуқӯъ пайваст.

Бо ворид гаштани хабари телефонӣ ба ШВКД дар ноҳия гурӯҳи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар ҳайати кормандони милитсия ва прокуратура ба ҷои ҳодиса ҳозир гардиданд.

Муайян карда шуд, ки дастгиршуда Назаров Сайвалӣ Хушбарович, соли таваллудаш 1964, истиқоматкунандаи кӯчаи Б. Ғафурови ноҳияи Фархор, ки пайваста ба нӯшидани машрубот машғул шуда, муҳити носолими оилавиро ба миён оварда буд, шаби ҳодиса низ дар ҳолати мастӣ ба манзили истиқоматиаш омада, духтараш Назарова Шаҳнозаро (соли таваллудаш 1999), ки ба касалии рӯҳӣ гирифтор буд ва маъюби гурӯҳи 1 маҳсуб меёфт, бо дастҷӯб мавриди латукӯб қарор додааст, ки дар натиҷа духтараш аз зарбаҳои бераҳмона ва гирифтани ҷароҳатҳо дар ҷои ҳодиса ба ҳалокат расидааст.

Аз ҳама таассуфовараш ин аст, ки марҳум духтари маъюб буда, аз хурдӣ аз муҳаббати модараш дур, ки бар асари беморӣ аз дунё гузашта буд, зери назорату тарбияи падари ҷоҳил чӣ азобу уқубатҳоеро аз сар гузаронида буд.

Вобаста ба ҳолати мазкур нисбати дастгиршуда Назаров Сайвалӣ парвандаи ҷиноятӣ бо моддаи 104, қисми 2 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз карда шуда, тафтишот идома дорад.

Аз толори суд

# ҚАЛЛОБӢ ДАР ЧИПТАФУРӮШӢ

**Саломиддин (ном иваз шудааст) вақте чиптафурӯши фурудгоҳ буд, дарк кард, ки аз ин кор фоидаи зиёд ба даст меояд. Вале ба қавли худаш, кораш омад накарду ӯро барои аз "боварӣ баромаданаш" аз ҷои кори равғаниаш дур карданд…**



Аммо "дили одаткарда балои ҷон" гуфта, роҳи дигари пулкоркуниро ҷустуҷӯ менамуд. Ниҳоят, гашта-гашта боз ба Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе омад ва ҳамкори пешинашро ба дом афтонид. Ӯ ба назди яке аз хазинадорони "Агентии алоқаҳои ҳавоӣ" - Асоев Лоиқ омада, ба вай дар бораи ноомади кораш шикоят карду аз ӯ кумак хоста, гуфт:

- Лоиқҷон, аз ту як хоҳиш дорам, ба ман барои фурӯш чипта деҳ. Ман онҳоро фурӯхта, маблағашро ба ту медиҳам ва аз ҳисоби фоизи он зиндагиамро пеш мебарам...

Лоиқ ба хотири кумак ба ҳамкори собиқаш ба ӯ барои фурӯш як даста чипта дод.

Ҳамин тавр, Саломиддин аз моҳи январи соли 2023 ҳамкориро бо хазинадор Асоев идома дода, то моҳи апрели ҳамон сол аллакай аз хазина 65 ҳазору 694 сомонӣ қарздор шуд. Зеро ӯ як қисми маблағҳои аз фурӯши чипта ба даст омадаро ба манфиати шахсиаш истифода мебурду парво надошт, ки оияндаи ин кор чӣ мешавад. Вақте ки Лоиқ аз ӯ дар бораи кай баргардонидани қарзаш мепурсид, Саломиддин ҷавоб медод, ки алҳол ба ӯ барои фурӯш чипта додан гирад, минбаъд ӯ кам-кам аз ҳисоби фоизи он қарзашро буд хоҳад кард. Аммо Асоев дид, ки ӯ қаллобӣ карда истодааст, аз ҳамкории минбаъда бо Саломиддин даст кашид...

Дар рафти мурофиаи судие, ки сари масъалаи ин қаллобӣ сурат гирифт, ҳамчунин Арипов, ки ба ҳайси сардори шуъбаи фурӯши ҷамъияти "Агентии алоқаи ҳавоӣ" фаъолият менамояд, изҳор намуд, ки хазинадор Асоев дар назди ҷамъият қарздор шудан гирифт ва кӯшиш мекард, ки қарзҳоро аз ҳисоби худаш диҳад. Вақте ки аз Асоев сабаб мепурсад, ӯ дар ҷавоб мегӯяд, ки ба доми қаллобе афтодааст ва ӯ пулҳои чиптаҳои фурӯхтаашро ба хазина надодааст ва ин қарздорӣ аз ҳамин ҳисоб аст.

Дар рафти мурофиа Арипов изҳор дошт, ки шахсан ӯ бо Саломиддин вохӯрда, ба дуруст будани суханони хазинадор боварӣ ҳосил намудааст.

Суд Саломиддин Ортиқовро бо моддаи 247, қисми 3-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор донист. Аммо, дар вақти баровардани ҳукм бори аввал ҷиноят намудани ӯ ва кӯдакони ноболиғу таъминкунандаи падару модари куҳансол буданаш, инчунин пурра барқарор намудани зарари расонидишуда ва пушаймон буданро аз кирдори содирнамудааш ба инобат гирифта, ҳукми сабуктарро нисбати гунаҳгор раво дид.

**Д. ҲАКИМЗОДА,**
**муовини аввали раиси Суди н. Шоҳмансур, ш. Душанбе**
**А. АҲМАДЗОДА,**
**рӯзноманигор**

## МАРГИ ДЕКАН БАЪДИ ЭЪЛОНИ ҲУКМ



**Пулодӣ Парвиз Рӯзизода, декани пешини факултети биология ва химияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд (ДДХ) ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ки моҳи феврали соли ҷорӣ аз сӯйи мақомоти амнияти вилояти Суғд бо иттиҳоми фасодкорӣ ва ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ боздошт шуда буд, пас аз эълони ҳукми суд, дар боздоштгоҳи шаҳри Хуҷанд вафот кардааст.**

Аз Суди вилояти Суғд хабар медиҳанд, ки мурофиаи ниҳоии Парвиз Пулодӣ 13-уми июн баргузор шуда, ӯ барои "пора гирифтани шахси мансабдор" (моддаи 319, қисми 3 Кодекси ҷиноятии ҶТ) ва "ҳаракатҳои зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ" (моддаи 139, қисми 2-и Кодекси ҷиноятии ҶТ) гунаҳкор ва ба 17 соли зиндон маҳкум шудааст.

Гуфта мешавад, ки баъди эълони ҳукм "фишори Парвиз Пӯлодӣ баланд шуда, дар боздоштгоҳ дилаш аз кор мондааст". Сабаби марги ӯ бемории қалб гуфта мешавад.

## БОЗДОШТИ ГУРӮҲИ МУТАШАККИЛИ НАШЪАҶАЛЛОБОН

**Дар вилояти Хатлон як гурӯҳи муташаккили ҷиноӣ бо гумони муомилоти қариб 180 кг маводи мухаддир, ки аз Афғонистон қочоқ карда, мехостанд ба хориҷи кишвар баранд, боздошт шудаанд.**

Дар ин бора АМИТ "Ховар" бо такя ба Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон (КДАМ) хабар дода, навиштааст, ки аъзои ин гурӯҳ аз 4 шаҳрвандони Тоҷикистон ва 1 шаҳрванди Афғонистон иборат буданд.

Манбаъ менависад, ки вазни умумии маводи мухаддири дарёфтшуда 178 килограмму 845 грамм, аз ҷумла, 148 килограмму 129 грамм ҳашиш ва 30 килограмму 333 грамм афюнро ташкил дода, дар дидбонгоҳи сарҳадии "Панҷоб"-и ноҳияи Ҳамадонӣ, ҳаммарз бо Афғонистон мусодира карда шуд.

# МУКОФОТ НИМ МИЛЛИОН СОМОНӢ

**Милитсияи Душанбе барои пайдо кардани Сабина ва Малика Араловаҳо, ки 12 сол қабл гум шуда буданд, 500 ҳазор ё ним млн сомонӣ ҷоиза ваъда кардааст. Онҳо моҳи марти соли 2013, замоне ки 5 ва 4 сол доштанд, аз назди хонаашон дар атрофи фурӯшгоҳи "Садбарг" дар Душанбе гум шуданд ва бо вуҷуди кофтукови зиёд то ҳол аз онҳо дараке нест.**





Раёсати ВКД дар пойтахт бо нашри як мурочиатнома ва акси 12 сол пеши онҳо гуфтаст, ки махфият ва амнияти нафаре, ки хабар медиҳад, дар доираи қонунгузорӣ кафолат дода мешавад.

Ба навиштаи ин ниҳод, маблағи ҷоиза аз ҷониби ин ниҳод пардохта мешавад.

"Нафароне, ки дар бораи ин ҳоҳарон маълумоти боэътимод доранд, бо рақамҳои 2210057 ва +992 018-02-02-02 метавонанд тамос гиранд",- гуфтааст РВКД.

# 5 БЕМОРИЕ, КИ ДАР ТОБИСТОН АВҶ МЕГИРАНД



**Тобистонро фасли тиллой меноманд, вале бемориҳое ҳастанд, ки маҳз дар ҳамин айём бештар авҷ мегиранд. Аз ҳамин хотир ин навбат мо дар бораи 6 бемории тобистона маълумот медиҳем, то хонандагони азизи ҳафтанома огоҳ бошанд ва худро аз ин бемориҳо муҳофизат намоянд.**

### 1. ОДАМОНИ ДИЛКАСАЛ, ЭҲТИЁТ ШАВЕД!

Бо гарм шудани ҳаво аҳволи одамоне, ки дилашон ягон иллат дорад, якбора бад мешавад. Албатта ин бесабаб нест. Ҳавои аз ҳад гарми тобистон ҳатто барои дили солим зарарнок аст, зеро дар айёми гармо дил аз ҳад зиёд хунро ба гардиш меорад. Дар натиҷа таппиши дил зиёд ва фишори хун баланд мешавад. Бо сабаби беобшавии ҷисм хун ғафс шуда, оксигенаш кам мешавад ва ҳамаи ин боиси беҳушшавӣ, сактаи дил ва фалаҷ гашта метавонад.

### БАРОИ ПЕШГИРӢ ЧӢ БОЯД КАРД?

Агар шумо ба иллатҳои дил гирифтор бошед, доруҳоеро, ки табиб тавсия додааст, ҳар рӯз дар вақти таъиншуда қабул кунед. Дар ҳавои гарм зиёд кор ва ҳаракати ҷисмонӣ накунед ва сари луч нагардед. Хӯрокҳои серравған ва махсусан гӯшти гӯсфанд истеъмол накунед. Бештар об ва шарбатҳои мевагӣ нӯшед. Аз гармои тобистон бо оббозӣ салқин шудан мехоста бошед, эҳтиёт шавед, зеро оби сард рагҳои хунгардро танг месозад.

### 2. ҶОҒАР ДОРЕД?

Агар шумо бемории ҷоғар дошта бошед, пас бидонед, ки дар фасли тобистон нурҳои зарарноки офтоб, ҳавои тафсон ва миқдори зиёди йоди баҳрӣ сабабгори фаъолшавии ғадуди сипаршакл мегардад. Нишонаҳои хуруҷи бемори зиёд арақ кардан, таппиши барзиёди дил, варами атрофи чашмон, якбора вазни худро партофта, хароб шудан, зуд-зуд пешоб кардан, ларзиши дастон ва рехтани мӯйҳо мебошад. Дар сурати пайдоиши аломатҳои мазкур дарҳол ба табибони соҳа муроҷиат кардан лозим аст.

### 3. ИНФЕКСИЯҲОИ РӮДАҲО

Ҳамасола дар фасли тобистон дарунрав авҷ мегирад, ки яке аз сабабҳои асосиаш инфексияи рӯда мебошад. Бояд гуфт, ки инфексияҳои рӯда беш аз 30 намуд мешаванд. Патогенҳо дар муҳити зист, обу маҳсулот зиндагӣ мекунанд ва дар ҳавои гарм паҳн шуда, ба ҷисми инсон тавассути хӯрок, об ё дастони ифлос ворид мегарданд. Барангезандагони инфексияҳои рӯда рангу бӯй ва таъми маҳсулотро тағйир намедиҳанд ва инсон нафаҳмида, онро истеъмол мекунаду сироят ёфта, ба дарунрав гирифтор мешавад.

### БАРОИ ПЕШГИРӢ ЧӢ БОЯД КАРД?

Ҳангоми ба дарунрав гирифтор шудан барои хориҷ гаштани заҳр аз организм ва барқарор намудани мувозинаи об дар ҷисм ба табибон муроҷиат кунед.

Зудтар шифо ёфтан хоҳед, бештар об нӯшед. Беҳтараш то пурра нест шудани аломатҳои сироятёбӣ аз хӯрдани хӯрокҳои серравған худдорӣ намуда, бештар биринҷоба истеъмол кунед. Фаромӯш накунед, ки қайкунӣ ва дарунравӣ реаксияҳои муҳофизатии ҷисм буда, барои тоза шудан аз заҳрҳо мусоидат мекунанд.

### 4. АЭРООТИТ - БЕМОРИЕ, КИ АЗ ОББОЗӢ ПАЙДО МЕШАВАД

Албатта тобистонро бе оббозӣ тасаввур кардан душвор аст, вале дар ин кор низ бояд хеле эҳтиёт шуд, то ба саломатии худ зиён нарасонем, зеро бемории аэроотит асосан дар дӯстдорони оббозӣ дида мешавад. Бо андаке шамолхӯрию зукоми сабук ё ба даруни ҳавзи об паридан боиси аз роҳи ҳалқу бинӣ ба гӯш ворид шудани инфексия мегардад. Нишонаҳои аввалини беморӣ шунавоии паст, пайдо шудани садо дар гӯшҳо ва сихзании пардаи гӯш мебошад.

## ТАБОБАТИ ЗАРДАҶӮШ БО КАРТОШКА ВА АВЁС

**Вақтҳои охир тез-тез зардаҷӯш мешавам. Шунидам, ки табиби машҳур Садриддиншоҳ Ҷалолӣ ба маризон дар бораи табобати бемориҳои гуногун бо усулҳои халқӣ маслиҳатҳои судманд медодааст. Аз ҳамин хотир, бо умед ба шумо муроҷиат намудам, ки шояд ягон роҳи осони аз зардаҷӯш халос шуданро мегӯянд.**

**МАДИНА, аз ш. Ваҳдат**



**Посухи Садриддиншоҳ Ҷалолӣ:**

- Дар хонаи ҳар яки мову шумо давоҳои халқие ҳастанд, ки ба осонӣ касро аз зардаҷӯш халос карда метавонанд, вале аз онҳо истифода бурдан ба гӯшаи хаёли касе намеояд.

1. Яке аз чунин давоҳо картошка мебошад. Ду дона картошкаро пӯст карда, ранда намоед, яъне аз турбтарошаки сӯрохиҳояш хурд гузаронед. Картошкаҳои рандашударо дар дока гирифта, нағзакак ҷабед, то шираашон бароянд. 10 саҳар субҳ дар ношто ширааи картошкаро бо каме оби ширгарм ҳамроҳ карда, нӯши ҷон созед, аз зардаҷӯш ному нишон намемонад.

2. Оби авёс. Як истакон бомус (авёс)-ро дар 1 литр об дар оташи паст то вақте ҷӯшонед, ки об нисф шавад. Ин гиёҳобро рӯзе 3 маротиба 1-пиёлагӣ, пеш аз хӯрок нӯшидан лозим аст.

## Толеънома



**Ҳамал**
**21.03 - 20.04**

Барои нафароне, ки нияти харидани манзил ва ҷиҳози хонаро доранд, нимаи аввали ҳафта мусоид меояд. Бо мушкилоти хонаводагӣ ва оилавӣ андармон шуда, уҳдадориҳои корхонаро фаромӯш накунед, вагарна сардор аз шумо норозӣ мегардад.



**Савр**
**21.04 - 21.05**

Аввали ҳафта барои ҳалли мушкилоти иқтисодӣ ва оилавӣ хуб аст. Барору комёбӣ ҳамсафари шумо мегардад. Кори зиёд ба саратон бор шавад ҳам, аз уҳдааш ба хубӣ мебароед.



**Ҷавзо**
**22.05 - 21.06**

Айёми хубест барои беҳтар сохтани вазъи иқтисодӣ. Бо шахсони даркорӣ шинос шуда, барои пешравӣ имконият ба даст меоред. Баъзе аз зодагони мучали ҷавзо сарфи беҳуда мекунанду бо ин рафторашон ба атрофиёни худ зарар мерасонанд.



**Саратон**
**22.06 - 23.07**

Дар ин ҳафта даст рӯйи даст монда нашинед, зеро ҳамаи кору ҳодисаҳо ғайри хоҳиши шумо рух додан мегирад. Тамоми корҳоятон бебарор анҷом меёбад, аз ин лиҳоз, ягон корро ба нақша нагиред. Дар муносибатҳои ошиқона навигариҳои гуворо дар назар аст.



**Асад**
**23.07 - 22.08**

Дар ин давра дар дилатон шавқу шӯри зиёд пайдо шуда, хоҳиши аз зиндагӣ лаззат бурданро мекунед. Худро ба даст гиред, рафтори беандеша ва сарфакории зиёд боиси пайдо шудани мушкилоти пулӣ мегардад. Доираи ҳамфикронатонро васеъ гардонед.



**Сунбула**
**23.08 - 22.09**

Дар оилаатон охири ҳафта ҳузуру роҳат мебинед, вале ин маънои онро надорад, ки аввали ҳафта нохушие шуморо интизор аст. Тамоми ҳафта аз пайи беҳбудии хонаву манзилатон кӯшида, дар дили аҳли оила тухми меҳру муҳаббат мекоред.



**Мизон**
**25.09 - 22.10**

Дар ҳафтаи нав барору комёбӣ ҳамсафари намояндагони мучали мизон мегардад. Яке аз давраҳои аҷибу мусоиди умратон фаро мерасад. Шумо бо неруву истеъдодиzотиятон ба тамоми мақсадҳоятон расида метавонед.



**Ақраб**
**23.10 - 22.11**

Зодагони мучали ақраб бояд ҳушашонро ба сар гирифта, ба ҳар нафаре, ки барояшон кӯҳи тилло ваъда мекунад, бовар накунанд. Аксари ақрабҳо худро хаставу бемадор эҳсос мекунанд. Бештар истироҳат намоед, он гоҳ нақшаҳоятон ҷомаи амал мепӯшанд.



**Қавс**
**25.11 - 21.12**

Нимаи аввали ҳафта қобилиятҳои худро нишон дода, дар зинаи мансаб боло меравед. Фикру ақидаҳоятонро ҳамкорону роҳбарият бо хушнудӣ қабул мекунанд. Ба касе имкон надиҳед, ки шуморо аз сари кор дур кунад.



**Ҷаддӣ**
**22.12 - 20.11**

Дар масъалаҳои корӣ ҳангоми муносибат бо шарикон эҳтиёткор бошед, вагарна ба доми фиребгарон меафтеду пули калонро аз даст медиҳед. Дӯсти дерин ё ҳамкоратон мушкили шуморо осон мекунаду ҳақиқат рӯйи об мебарояд.



**Далв**
**21.01 - 19.02**

Шуморо лозим меояд, ки ба хотири оромиши қалби худ ва ба хотири нафари дигаре аз бисёр чизҳо гузашт намоед. Дар ҳама кор муваффақ мегардед, зеро зотан шахси дилёбу кордон ҳастед. Қарзҳоро баргардониданатон лозим меояд.



**Ҳут**
**20.02 - 20.03**

Имкони худро ҳамчун мутахассиси касбӣ ва шахси масъул нишон доданатон пайдо мешавад. Бисёр давраи аҷиб аст: ҳутҳо хеле хуб дарк мекунанд, ки атрофиён аз онҳо чӣ мехоҳанд ва ба қарори дуруст омада метавонанд.

# КУҲРӢ

- Шунидӣ?,- кампири ба тан ҷомаи даридаи бо пораҳои селофанӣ пӯшида, ба мӯйсафеди тахминан 80-солаи лоғарандоми касалманди серришу фаш муроҷиат кард.

- Чиро?,- ҳамсуҳбат дар навбати худ бо овози гирифта ба савол савол дод.

- Овози муҳаррики мошинро,- зан даст дароз карда, лаби картони коғазиро тела дода, ба берун нигарист.- Валлоҳ, ки дар торикӣ чизеро намебинӣ.

- Аммо гӯшҳои ту чун локатори дастгоҳҳои баркӣ пасттарин овозро мекапад,- чол ба таъриф гузашт.- Ҳатто ҷунбидани калламушҳоро дар зери ғарами партовҳо мешунавӣ.

- Не, ба ростӣ мегӯям,- кампир хост, ки аз ҷояш қомат бардорад.- Рафта бинам. Кадом ронандае аз эҳтимол дур нест, ки ба мо ризқу рӯзӣ овард. Садои партофтани партовро бараъло шунидам.

- Ъэ, биё мон,- мӯйсафед аз лаби ҷомааш дошт.- Саҳарӣ мебинем.

- Хайр, бигузор гуфтаи ту шавад,- кампир пушташро ба тарафи мард гардонд ва дере нагузашта овози хуроккашиаш ба ҳаво часпид.

Пагоҳ онҳо болои сари марди дарозкашида рост шуданд. Ӯ чунон харобу лоғар буд, ки гӯё пӯсташ ба устухон часпида бошад. Ҳар доим сулфа мезад ва аз ғояти дард пешона чин мекард. Бастаеро маҳкам дар қафаси синааш часпонида буд. Кампир бо нӯги мӯзаи резинии ҷо-ҷо сӯрох дошташ пири барҷомондаро ҷунбонд.

Мӯйсафед чашмонашро кушод. Болои сараш ду шахси ношиноси ҷулҳундипӯшро дида, ҳатто кӯшиши аз ҷой хестанро накард. Маълум буд, ки ӯ тамоман нотавон аст ва ё ҳузури одамони ношиносро намеписандад. Чунин рафтори мард қаҳру ғазаби занро овард, ки ӯ баланд дод зад:

- Худатро муаррифӣ бикун!

- Куҳрӣ ном дорам,- муомилаи дағали кампир рафтори келинашро ба хотир овард...

- То кай, то кай ман ба нозу нузи Куҳрӣ тоқат кунам? Аз бӯю тафаш нафас кашида наметавонам. Аз садои сулфаи баландаш пардаҳои гӯшам дарид. Метарсам, ки касали сил нашуда бошаду бачаҳоямро сироят накунонад. Нозу нузаш ба ҷонам расид. Ин хӯрок бемазза, вояш шӯр, сеюмаш турш. Охир, ягон илоҷашро ёб. То кай зани нозанинат ба ин аҳвол тоқат кунад?,- ва хонаро садои навҳаю гиряи Ситамгул пур кард.

- О, бигӯй, ки чӣ кор кунам?,- Болта сар байни кафи дастонаш гирифт.

- Бурда ба Хонаи пиронсолон супор!,- ду даст ба миён гирифта, ҳамсар нигоҳи чашмони ғазаболудашро ба рӯйи шавҳар давонд.

- Ха, пагоҳ дар шаҳр овоза шавад, ки корманди баландмартаба аз уҳдаи нигоҳубини падар набаромада, ӯро бурда ба гардани давлат бор кард,- Болта бо ҷаҳл аз ҷояш қомат бардошт.- Ва ин амали ман боиси аз вазифа париданам шавад.

- Агар аҳвол ҳамин тавр рафтан гирад, маҷбурам кӯдаконамро гирифта ба деҳа, ба хонаи модарам равам,- Ситамгул тоб хӯрда, ба сӯи хонаи хоб гом бардошта, боз илова намуд:- О, будагист роҳи аз ин мусибат раҳо ёфтан.

Як муддат дар хона хомӯшӣ ҳукмрон гашт. Дили чол ба ҳоли писараш сӯхт. Ӯ намехост боиси хонавайроншавии Болта гардад. Қарор дод, ки бухчаи кайҳо омодакардаашро гирифта, бе овоз аз хона барояд. Лекин ба худ савол дод: ба куҷо равад? На хешу табор дорад ва на ёру дӯсте. Ҳамаи ошнову рафиқонаш кайҳо ин оламро падруд гуфтаанд.

- Аз байни онҳо танҳо як мани Савриддини 99-сола мондаам,- бо афсӯс аз дил гузаронд.

Ба ҳар ҳол буғчаашро бардошта, ангушти харобу ларзонашро ба дастқапаки дар дароз карданӣ шуд, ки овози хурсандонаи Болтаро шунид:

- Занак, ёфтам! Меҳрубонакам, ёфтам!,- ва онҳо ба хонаи хоб гузашта, дарро аз қафояшон пӯшиданд.

- Чӣ илоҷ ёфта бошанд?,- ин фикр дар сари бемӯйи пирамард пайдо шуд ва ӯ баргашта ба хуҷраи худ даромада, қарор дод, ки то субҳ интизор шавад. Худро болои ҷойхоб партофт ва дере нагузашта ғанаб бар вай ғалаба кард.

- Падарҷон, хезед!,- гуфтани Болта ӯро аз хоб бедор кард.- Хезед, ман шуморо ба фароғатгоҳи Хоҷа Оби Гарм мебарам. Дӯсти табибе дорам, ки шуморо табобат мекунонад. Сиҳат мешавед. Сулфаатон мегузарад. Падарҷон, ана ин пиёлаи чойро нӯшед, гулӯятон тар мешавад ва пеши роҳи сулфазаниро мегирад.

- Кайҳо орзу доштам, ки ба ин осоишгоҳ равам,- мӯйсафед даст дароз кард, то ки писараш барои қомат бардоштанаш ёрӣ расонад.- Чаро пагоҳӣ наравем?

- Охир, падарҷон, ман субҳи содиқ бояд ба сафари хизматӣ ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба мӯҳлати даҳ рӯз равам,- Болта нигоҳи чашмонашро аз назари бодиққати волидайн гурезонд.

- Майлаш, биё гуфтаи ту шавад,- Савриддин бухчаашро ба даст гирифт.

Мошин аз шаҳр баромада, босуръат ба сӯйи ҷануб равон шуд.

- Бачем, ба фикрам дармонгоҳ дар тарафи дараи Варзоб буд?,- падар ҳайрон ба писараш савол дод.



- Дуруст, падарҷон,- чашм аз роҳ наканда Болта ҷавоб гардонд.- Дӯсти табибам дар шаҳри Ваҳдат зиндагӣ мекунад. Ӯро ҳамроҳ мегирем.

Савриддин дигар савол надод. Вақте ки мошин аз дидбонгоҳи Бозрасии давлатии автомобилӣ гузашта, якбора ба тарафи дасти чап, ба байни қатортеппаҳо даромадан замон аз таъсири чойи нӯшидааш кайҳо ба хоб рафта буд...

- Ба мо тахаллусат даркор нест,- кампир якравона пурсишро давом дод.- Ман ҳам тахаллус дорам. «Арвоҳ»! Лақаби мана ин бурдангали дар паҳлуи ман истода «Кӯрмуш» мебошад. Боз мо «Келас» ва «Малах» ҳам дорем. Барои ба ҷамъиятамон қабул кардан ному насабат даркор.

- Ба ман чунин тахаллус мондаанд,- пирамардро ин пурсишҳо нафорид.- Ин чӣ ҷамъиятест?

- Мо дар ин партовгоҳ аллакай даҳ сол боз зиндагӣ дорем ва маҳсулоти ин бошгоҳ ҳақи ҳалоли мост,- кампир ба шарҳи ҳол гузашт.- Ва ҳеҷ касро намегузорем, ки ба боигарии мо даст расонад. Ва ба ту низ иҷозат намедиҳем, ки ба оши мо қатиқ шавӣ.

- Ошатон ҳалол бод!,- Савриддин миёнашро бардошт.- Ман ба гӯшаи дигари партовгоҳ меравам.

- Дар бухчаат чӣ дорӣ?,- Арвоҳ мавзуи пурсишро дигар кард.- Эҳтимол хӯрдание дошта бошӣ?

- Чизе, ки ба ту дахл надорад,- ҳамсуҳбат баданашро болои зону гирифт.

- Ҳамон чойи гуфтагиат макони зистат мешавад,- зан дасти росташро ба сӯйи қуллаи қаторкӯҳи Ҳисор рост кард.- Ба ҳудуди мо қадаматро намегузорӣ.

- Ҳамин партовгоҳ ҳам тақсим...,- Куҳрӣ ба дараҷае ба сулфидан даромад, ки охири фикрашро баён карда натавонист.

Арвоҳ дағалгуфториашро як лаҳза фаромӯш карда, давида аз хоначаи ғормонандаш баклашкаи обро баровварда ба меҳмони нохонда дароз кард.

- Туро кӣ бо мошин оварда дар ин ҷо партофта рафт?,- пас аз он ки Куҳрӣ чанд қулт об нӯшида нафасашро рост кард, кампир саволи охиринашро дод.

Дар чеҳраи мард ифодаи ғаму андӯҳи беандоза пайдо шуд. Акнун аз нияту мақсади писараш огоҳ гардид. Як муддат ривояти халқӣ ба хотираш омад...

Ҷавон хоҳиши ҳамсари маҳликояшро иҷро карда, мебоист модари пири касалмандашро бурда, аз сари қуллаи кӯҳ ба ҷарӣ мепартофт. Пояш ба санге бархӯрд. Модари аз нияти бади фарзанд ноогоҳ бо дилсӯзӣ пурсид:

- Поят дард накард, писарҷонам?

Ғамхорию шафқати модар чашмони ҷавонро кушод...

Куҳрӣ ҷавоб нагардонд. Чӣ ҳам гуфта метавонист. Ӯ худашро гунаҳкор меҳисобид, ки писарашро ҳамин тавр ба воя расонд. Болтаро хеле эрка тарбия карда будааст. Акнун аз оринҷ газида нашавад. Бо азоб қоматашро бардошт ва ба самти нишондодаи Арвоҳ калавида-калавида қадам партофт.

Аз байн як ҳафта гузашт. Арвоҳ ба ҷону ҳоли шариконаш расида, онҳоро маҷбур кунонд, ки аз ҳоли Куҳрӣ хабар гиранд. Дилаш аз ҳодисаи нохуше гувоҳӣ медод.

Куҳрӣ аллакай мурда буд. Бухчааш дар бағал, сараш болои пораи тарбуз, ба пушт, рӯй ба сӯйи осмон дароз мехобид. Арвоҳ бухчаро гирифта, онро кушод...

Болта тасодуфан дар оғози маъракаи ҷаноза ҳозир шуд. Нотиқе аз минбар ба воситаи баландгӯяк баромад мекард:

- Савриддин Садриддинов яке аз барқароркунандагони фаъоли сохти колхозӣ буда, зиёда аз чил сол ҳамчун раиси хоҷагии пахтакории ба номи «Ғалаба» кор карда, соҳиби унвони Устоди пахта мебошад. Се даъват вакили Шӯрои Олӣ интихоб шуда, барои меҳнати софдилонааш бо орденҳои Ленин, Байрақи Сурхи Меҳнат, Нишони Фахрӣ, медалҳо ва чандин Сипосномаю Ифтихорномаҳо мукофотонида шудааст. Ӯро ба роҳи охирини ҳаёт гусел карда, ҳукумати вилоят қарор қабул кард, ки ба ин хоҷагӣ номи қаҳрамони меҳнат гузошта шавад...

Давоми чорабиниро Болта дар ёд надорад. Ӯро завҷаи меҳрубонаш дар беморхонаи касалиҳои руҳӣ хобонда, пас аз як сол ба соҳибкории муваффақ ба шавҳар баромад.

**Зариф ҒУЛОМ**

## МАВЛУДНОМА

### 19 ИЮН

**Леонид Бочавер** (1915-1989), 110-солагии зодрӯзи ҳунарманд ва коргардони театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

**Мирзо Олимов** (1935-2001), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

### 20 ИЮН

**Умарҷон Маллабоев** (1955), 70-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**Исоқул Тӯрақулов** (1940), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**Раҳматулло Эргашев** (1955), 70-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисодӣ, профессор.

### 21 ИЮН

**Умедҷон Келдиев** (1925-1991), 100-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбӣ, журналист.

**Анзурат Мирзоева** (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Субҳон Мухторов** (1935-2001), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Абдураҳим Чӯраев** (1955), 70-солагии зодрӯзи файласуф.

### 22 ИЮН

**Виктор Иванишев** (1955), 70-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор.

**Елизавета Кимёгарова** (1945), 80-солагии зодрӯзи коргардони синои ҳуҷҷатӣ.

**Салимшо Пирумшоев** (1955), 70-солагии зодрӯзи рассоми телевизион.

### 23 ИЮН

**Аъзам Қосимов** (1955), 70-солагии зодрӯзи генерал-майор.

**Ҳомид Муҳаммадиев** (1905-1990), 120-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Валентина Федотова** (1940-1996), 85-солагии зодрӯзи муаррих.

### 24 ИЮН

**Восит Абдураҳмонов** (1955), 70-солагии зодрӯзи рассом.

**Камолиддин Бойматов** (1950-2006), 75-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор, академики АМИТ.

**Воҳид Иброҳимо**в (1935-1995), 90-солагии зодрӯзи муаррих.

**Меҳринисо Нағзибекова** (1955), 70-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

**Моҳирхӯҷа Султонзода** (1945-2004), 80-солагии зодрӯзи файласуф, профессор.

### 25 ИЮН

**Субҳон Амирқулов** (1935-2025), 90-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**Холназари Муҳаббат** (1945), 80-солагии зодрӯзи доктори илми географӣ, профессор.

**Абдулҳамид Содиқов** (1940), 85-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа.

## Аз идора

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**

**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин, рақами қайд №853, бо силсилаи №0290581, дар асоси қарори раиси ноҳияи Фархор аз санаи 18.07.2011 таҳти №707 ба номи Чилаева Оишамоҳ Султоновна, бо суроғаи ноҳияи Фархор, ҷамоати деҳоти Ғайрат, деҳоти Деҳқонобод, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 10, АБ №249121, ба номи Пиров Сайдраҳмон Дилшодович, ки аз ҷониби МТМУ №13-и ноҳияи Нуробод, деҳаи Яхч дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Ляшенко Галина Ильинична, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи А. Дониш, бинои 24, ҳ. 54, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши литери 8А2/хп хонаи истиқоматӣ таҳти фехристи 1ш-3510, аз 03.11.2022, ба номи Шоинов Исломбек Балажонович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Қаҳрамон (собиқ ноҳияи Рӯдакӣ, ҷам. Чимтеппа, деҳаи Қаҳрамон), хонаи б/р, ки дар нотариуси калони давлатии Идораи давлатии нотариалии ноҳияи Фирдавсӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Муҳри МТМУ №18-и ноҳияи Варзоб, деҳаи Вармоник, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А01346539, ба номи Шарифов Диловар Гадоевич, ки санаи 11.04.2018 аз ҷониби ШВКД ноҳияи И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №86534, аз 03.04.2023, бо парвандаи заминсозӣ ба номи Шоинов Исломбек Балажонович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Қаҳрамон, хонаи б/р, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Каримова Насиба Бахруллоевна, РЯМ: 0331390795, РМА: 127077505, ки санаи 26.09.2018, аз Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А03505339, ба номи Файзиева Латофат Мадиновна, ки санаи 30.12.2020 аз ШВКД ноҳияи И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А03707461, ба номи Акрамова Латофат Акрамовна, ки санаи 21.05.2021 аз ШВКД ноҳияи И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи махсуси соҳибкори инфиродӣ Юлдошев Қурбонали, РЯМ: 0730213706, РМА: 075331148, аз санаи 11.05.2021 бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ Нодиров Асатулло, РЯМ: 0730120976, РМА: 075722175, аз санаи 13.08.2015, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "Парвози Аср", №0309285, РЯМ: 0110033349, РМА: 010110215, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Кооперативи тиҷоратии "Курбонкуса", РЯМ: 0710002462, РМА: 070004872, ки аз 29.12.2014 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Кафолат Фарм", РЯМ: 0710010602, РМА: 070017588, аз 14.09.2020, ки дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.



*Оминаи хушрӯяку дӯстрӯяки мо!*

Рӯзи мавлудатро бо як ҷаҳон орзую умедҳо табрик гуфта, аз Яздони пок ширинтарин лаҳзаҳои кӯдакиятро таманно дорем.

*Забони ҳақ, шиори безабон бош,*
*Нишони ворисони бенишон бош.*
*Аламбардори рӯҳи сарбадорон,*
*Бақоҷӯи дуои модарон бош,*
*Азизи мо, азизи сад ҷаҳон бош.*

**Бо эҳтиром, падару модарат**

Саодат Азизова:

# ТО ПЕШОНӢ БА ДЕВОР НАЗАНАД...

**(Аввалаш дар саҳ. 10)**

Лекин бештар ба ман нақшҳои манфиро медоданд. Иҷрои он душвортар аст, барои он ки ҷустуҷӯ мекунӣ, бояд тарзе иҷро намоӣ, ки ба ҳақиқат наздик бошад, боварибахш бошад.

**- Ба фикри шумо, оядаи театри тоҷик дар дасти кист ва ҷавононро чӣ гуна бояд дастгирӣ кард?**

- Бисёриҳо мегӯянд, ки шумо - насли калонсол равед, дар театр кӣ мемонад? Вале мо мебинем, ки ҷавонони лаёқатманд зиёданд. Онҳо кор мекунанд, санъату ҳунарро пеш мебаранд. Албатта, ҳоло барои онҳо каме мушкил аст, чун бисёрашон дар хонаҳои иҷора зиндагӣ мекунанд. Театр ҳам то тавонаш ҷавононро дастгирӣ мекунад. Агар дар соҳаи худ ҳалол меҳнат кунӣ, ба ҳамааш даст меёбӣ. Ман ба шогирдонам мегӯям, ки ягон мушкил набояд монеи рушди ҳунари шумо шавад, зеро дар ҳунар чунин аст: ё беҳтарин бош, ё ин ки набош!

**- Оё ягон нақше ҳаст, ки пас аз он муносибати мардум нисбат ба шумо тағйир ёфта бошад? Инро чӣ гуна ҳис мекардед?**



- Нақши янгаи Меҳрубон дар филми "Дар орзуи падар" барои ман як муҳр шуд. Коргардон ба ман ин нақшро пешниҳод карда буд. Баъди иҷрои нақш одамон ба ман чун ба ҳамон образи иҷрокардаам муносибат мекарданд. Дар аввал зиқ мешудам, вале баъдан одат кардам. Рӯзе як ронандаи таксӣ гуфт, ки "шумо дар он филм ин гуна нақшро офаридед, аммо дар ҳаёт тамоман одами дигар". Шӯхиомез посух додам, ки зӯрии ман фақат дар кино, агар дар ҳаёт ҳам зӯр мебудам, ту аз ман роҳкиро гирифта наметавонистӣ.

Ман фикр мекунам, тамошобин ҳама чизро хеле хуб мефаҳмад, ҳатто медонад, ки кадом ҳунарманд аз таҳи дил нақш бозӣ мекунаду кадомаш сохтакорона.

Барои ҳамин бисёр заҳмат бояд кашид. Бисёр ҳунарпешаҳо мегӯянд, ки театр хонаи дуюми мо. Вале ман мегӯям, театр хонаи якуми мост! Барои он ки субҳ вақте бедор мешавам, якум дар бораи театр фикр мекунам. Боре аз ман пурсиданд, ки ба ҳунарманд унвон лозим аст? Гуфтам, бале! Гуфтанд, барои чӣ? Посух додам, барои ба нафақа баромадан. Ҳунарманд ягон даромади иловагӣ надорад. Унвон ченакест, ки заҳматҳои ҳунармандро баҳо медиҳад. Ҳунармандро бояд дар зинда буданаш қадр кунанд.

**- Дар телевизион барномаи "Дар масири ёдҳо" доштед. Аз таърихи он қисса мекардед. Ҳоло тақдири он чӣ шуд?**

- Вақте аз театри "Аҳорун" боз ба театри Лоҳутӣ омадам, бо Телевизиони "Тоҷикистон" мувофиқа карда, дар бораи 80 нафар асосгузорони театри Тоҷикистон барнома кардам. Баъдан ҳамаи онро ба шакли китоб даровварда, дар ду қисм ба нашр расонидам. Ин чо як осорхонаи хурди театрро ташкил кардам ва барои ҳунармандони гузашта як гӯшаеро таъсис додам. Ҳоло чанд вақт шуд, ки ин барномаро идома надодаам. Мехоҳам як рӯзноманигори аз театр огоҳе пайдо шаваду бо роҳнамоии ман барномаро пеш барад.

**- Чӣ орзу доред?**

- Халқи тоҷик табиатан эҷодкор аст. Орзу мекунам, ки толорҳои мо пур аз тамошобин шавад. Драматургҳои мо асарҳои хуби саҳнавӣ нависанд. Масалан, мо ҳунарпешаҳо бисёр мехоҳем, ки симои зани тоҷикро пас аз истиқлол офарем. Мо интизори асари драматургии хубе ҳастем, ки қаҳрамониҳои зани тоҷикро хуб тасвир кунад.

**- Шумо аз зиндагии имрӯзаи худ розӣ ҳастед?**

- Ман аз зиндагиям розиям. Бо фарзандону наберагонам ифтихор мекунам. Ба Худованд шукр гуфта, имрӯз зиндагии ороми осударо дар халқаи онҳо мегузаронам.

**- Ташаккур барои суҳбат.**

**Мусоҳиб: Суман УБАЙДУЛЛОЗОДА**

ҶУДО

## ДУ МЕДАЛИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН АЗ ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН

**Ду намояндаи Тоҷикистон дар вазни то 66 кг дар Чемпионати ҷаҳон-2025 дар Маҷористон медал ба даст оварда, дар ин сатҳ яке аз натиҷаҳои беҳтарин дар таърихи ҷумҳурӣ нишон доданд.**

Инҳо Нуралӣ Эмомалӣ ва Обид Чебов буданд, ки аввалӣ медали нуқра ва дуюмӣ медали биринҷӣ ба даст овард. Нуралӣ Эмомалӣ дар оғоз бар варзишгари испанӣ Адриан Чинор ва баъдан бар Важа Маргвелашвилии гурҷӣ, сипас дар чорякфинал бар Ғусман Қиргизбоеви казоқ пирӯз шуд ва ба даври нимниҳоӣ расид.

Обид Чебов дар аввал бар Балинт Гомбаси маҷорӣ пирӯз шуд ва баъд ҳангома карда, ситораи чаҳонии ҷудо, ҷопонӣ Ҳифумӣ Абэро мағлуб кард. Ӯ ҳам ба даври ниманиҳоӣ расид ва бо Нуралӣ мубориза бурд. Дар ин давр Нуралӣ ғолиб омад ва дар финал аз ҷопонӣ Такешӣ Такеока шикаст хӯрд ва бо нишони нуқра иктифо кард. Чебов дар мубориза барои биринҷӣ бар Валид Хияр аз Фаронса пирӯз шуда, медали дувуми ин мусобиқаро ба Тоҷикистон овард.




Беҳрӯз Хоҷазода (-73 кг) дар марҳилаи ҳаштякниҳоӣ бо як имтиёзи вазарӣ аз Татсукӣ Ишихараи ҷопонӣ мағлуб шуд. Абубакр Шеров дар даври аввал озод буд ва дар даври дуюм аз Нилс Штумп аз Швейтсария шикаст хӯрд. Сомон Маҳмадбеков дар вазни 81 кг дар даври аввал озод буда, дар даври дуюм аз ҷудокори навкори португалӣ Жоау Фернандо бо имтиёзи "юко" мағлуб шуд.

ҚАИҚРОНӢ

## НИШОНИ ТИЛЛОИ ВАРЗИШГАРИ ТОҶИКИСТОН АЗ ЧЕМПИОНАТИ ОСИЁ

**Варзишгари тоҷик Муҳаммадӣ Раҷабов дар Чемпионати қаиқронии Осиё байни ҷавонон ва наврасон, ки дар шаҳри Паттайяи Шоҳигарии Тайланд баргузор шуд, нишони тилло ба даст овард.**

Чемпионати қаиқронии Осиё байни ҷавонон ва наврасон дар шаҳри Паттайяи Шоҳигарии Тайланд аз 12 то 16-уми июн баргузор шуд. Муҳаммадӣ Раҷабов дастпарвари Мактаби махсуси варзишии шинории шаҳри Душанбе аст, ки байни варзишгарони наврас дар масофаи 1000 метр ҷойи якумро ишғол кард. Дастоварди Муҳаммадӣ Раҷабов аз ин мусобиқа маротибаи аввал нест. Ин варзишгар соли 2024 моҳ дар ҳамин мусобиқа дар масофаи 1000 метр каноэ С-1 медали тилло ва дар масофаи 200 метр каноэ С-1 сазовори медали нуқраи Чемпионати Осиё гардида буд.



ФУТЗАЛ

## ТОҶИКИСТОН МИЗБОНИ БОЗИҲОИ ИНТИХОБИИ ҶОМИ ОСИЁ-2026 МЕШАВАД

**Конфедератсияи футболи Осиё кишварҳоеро, ки мизбони бозиҳои интихобии Ҷоми футзали Осиё-2026 баргузида шуданд, эълон кард.**

Бозиҳои даври интихобиро Тоҷикистон, Тайланд, Кувайт, Қирғизистон, Арабистони Саудӣ, Мянмар, Малайзия ва Чин мизбонӣ хоҳанд кард. Дар марҳилаи интихобии Ҷоми футзали Осиё-2026 дар маҷмуъ 31 даста иштирок мекунанд. Дар куръакашӣ хашт гурӯҳ ташкил карда мешавад, ки ҳафт гурӯҳ аз чор даста ва як гурӯҳ аз се даста иборат хоҳанд буд. Баргузории бозиҳои даври интихобӣ аз 20 то 24-уми сентябр ба нақша гирифта шудаанд.



Ғолибони ҳашт гурӯҳ ва ҳафт дастаи беҳтарини ҷойҳои дуюм ба марҳилаи ниҳоии Ҷоми Осиё-2026, ки аз 27-уми январ то 7-уми феврал дар Индонезия баргузор мешавад, роҳ меёбанд. Рақибони дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон дар марҳилаи интихобӣ рӯзи 26-уми июн маълум мешаванд.

CAFA-U-20

## ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН СЕЮМ ШУДАНД



**Дастаи мунтахаби ҷавонони футболбозы то 18-солаи Тоҷикистон дар бозӣ барои ҷойи сеюм дар Чемпионати Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ (CAFA U-20) бар тими ҷавонони Ӯзбекистон пирӯз шуда, барандаи медалҳои биринҷӣ шуд.**

Ин бозӣ 16-уми июн дар варзишгоҳи «ТАЛКО-Арена»-и шаҳри Турсунзода, дар ҳузури 3500 тамошобин баргузор шуд. Вақти асосии рақобат мусовӣ - 1:1 анҷом ёфта, дар задани пеналтӣ бозингарони Тоҷикистон муваффақ шуданд - 4:2.

Бозии ниҳоии мусобиқаи CAFA-2025 байни тимҳои миллии Қирғизистону Эрон 17-уми июн дар Варзишгоҳи марказии Ҳисор баргузор шуда, бо пирӯзии эрониҳо (2:0) ба охир расид.

РЕЗААХБОР



Фаридун Шоҳназаров, яке аз размикорони ояндадори ММА аз Тоҷикистон (4-0), бо яке аз Лигаҳои бузургтарини муҳорибаҳои омехта дар ҷаҳон - PFL карордод ба имзо расонид. Рақобати нахусти ӯ дар промоушен 5-уми июл дар назар буда, созишнома барои гузаронидани ду кувваозмоӣ пешбинӣ шудааст. Ҳоло рақиби якуми Фаридун Шоҳназаров номаълум буда, лекин худи размикор гуфтааст, ки ҳам аз лиҳози ҷисмонӣ ва ҳам равонӣ комилан ба санҷишҳои нав омода аст.

***

Моҳи сентябр дар Тоҷикистон Ҷашнвораи бозиҳои миллии варзишӣ баргузор мешавад. Бозиҳои миллӣ дар 8 намуди варзиш - куштии миллии суннатӣ, чавгонбозӣ, шиноварӣ, вазнабардорӣ (сангбардорӣ), дастхобонӣ, пойга (варзиши сабук, давидан ба масофаҳои 200, 400, 800 метр), шатранҷ, бандкашӣ ва дар 10 намуди бозиҳои намоишӣ баргузор мешаванд.

***

Дар даври навбатии Чемпионтаи футболи Тоҷикистон пешсафи ҷадвал «Вахш» бо «Эсхата» мусовӣ (1:1) кард. КМВА дар сафар бар «Хосилот» бо ҳисоби 2:1 пирӯз шуд ва имтиёзҳояшро бо «Вахш» баробар (24 имтиёз) кард. «Равшан» ҳам дар ин давр бар «Истаравшан» пирӯз (3:1) ва ба пешсафон наздик шуд. Бозиҳои «Регар-ТадАЗ» бо «Баркчӣ» 0:0 ва «Хулбук» бо «Панҷшер» 1:1 ҷамъбаст шуданд. «Истиқлол» ду бозӣ камтар дорад ва бо 21 имтиёз дар зинаи чорум аст.

***

Варзишгардухтарони тоҷик дар Мусобиқаи байналмилалии гимнастикаи бадеӣ иштирок карда, сазовори 12 медали тилло, 2 медали нуқра ва 1 биринҷӣ шуданд. Мусобиқа 14-15-уми июн дар Ӯзбекистон баргузор шуд, ки дар он дастпарварони Муассисаи давлатии "Мактаби махсуси варзишии захираҳои олимпии №1"-и Душанбе дар қатори намояндаҳои Русия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Ҷопон, Озарбойҷон, Тайланд ва Сингапур ширкат карданд.




### ДАНДОН

Марде ба назди дандонпизишк рафт. Духтур баъди муоина ба дасташ коғазчаеро дод, ки дар он рақамҳои зиёд навишта шуда буд. Мард пурсид:
- Духтур, ин рақами телефонатон аст?
Дандонпизишк дар ҷавоб:
- Ин маблағи табобати дандонҳоятон!

### МАОШ

Аз нафаре пурсиданд:
- Дар касбу кoратон чӣ бештар ба шумо писанд аст?
Гуфт:
- Маош ва даре, ки тавассути он баромада меравам.

### ЗАМОНА

Ду пиразан дар назди бинои истиқоматӣ ҷавононро имрӯзаро муҳокима мекунанд:
Якеаш мегӯяд:
- Аҷаб замоне шудааст, зани 31-соларо аз духтари 16-сола фарқ карда намешавад.
Дигарӣ мегӯяд:
- Баъдан маълум мешавад, ки ин зан неву Султон будааст.

### ПАРАШЮТ

Дар дарси парашютпарӣ шогирд аз устод мепурсад:
- Устод, рафту парашюти ман дар ҳаво боз нашавад, чӣ мешавад?
Устод:
- Ту пеш аз ҳама ба замин мерасӣ.

### ХӮРОК

Домод баъди чанд рӯзи тӯй ба занаш мегӯяд:
- Ту то дами марг барои ман хӯрок мепазӣ?
Зан дар ҷавоб:
- Агар ман хӯрок пазам, марг моро хеле барвақт ҷудо мекунад, азизам.

### АЗОБ

Раиси суд аз марде, ки аз занаш ҷудо шудан мехоҳад, мепурсад:
- Ҷаро шумо баъди 20 соли зиндагии муштарак аз завҷаатон ҷудо шудан мехоҳед?
Мард:
- Мухтарам судя, ба фикратон азоби кашидаи ман ҳоло ҳам кам аст?

**Таҳияи Н. РАҶАБОВА**

## АЗ “ПАЙКОРИ МӮРОН”

Ягона чизе, ки ман ба меҳмон бо майли том ва зуд медиҳам, дастпоккунак аст.

***

- Дар оянда Роҳи каҳкашонро низ таъмир хоҳам кард,- гуфт аз таъриф болида, сардори Идораи роҳсозӣ.

***

Маърӯзаи сардори мо ҳамеша кӯтох: танҳо ду ҷумла, вале вергулаш хеле зиёд.

***

Устухон барои он сахт ба гӯшт часпидааст, ки обрӯяшро аз даст додан намехоҳад.

***

Аз суханони роҳбари лофзан: Дар коргоҳи мо рӯзи истироҳат нест! Ҳатто рӯзи 30-юми феврал низ кор мекунем.

***

Кампирҳо аз бузургтарин академикҳо дар фанни “Маҳорати суханварӣ”-янд.

***

Чашмонашро сахт бастед? Акнун очаи зорашро нишон диҳед!

***

Сахт мелангаду ба хизмат ношоям аст? Ҳеҷ гап не, мешавад, сарлашкар Амир Темур ҳам ланг буд.

***

Оғӯши маҳбуба шикоргоҳ аст, оғӯши зани худ - қароргоҳ.

***

Изофанавис бемор шуда, ба духтур занг зад:- Зуд расида оед, ҳароратам аз 45 гузашт.

***

Ба чойхоби завҷааш ишора намуда, паҳлавонона хитоб кард:- Ҷангхои болшевикӣ мо дар ин майдон кунем!

***

Адабиёти Шарқу Ғарб, Ҷанубу Шимолро хонда тамом кардам. Акнун то пайдо шудани ягон кутби нав истироҳат мекунам.

***

Катибае дар меҳмонхонаи хасис:
*Меҳмоно, пурхӯрӣ дорад хатар,*
*Зинҳор бинмой аз хӯрдан ҳазар!*

***

Ман ба вазифаи ҷонишини вазир сазовор нестам? Пас, вазир таъйин кунед.

**Абдурауф МУРОДӢ**

### Сканворд

